«ШИФОБАХШ» - МАРКАЗИ БУЗУРГИ ТАШХИСУ ТАБОБАТ с. 8

ЧИН ДАР ЗАРАФШОН ДУ НЕРӮГОҲ МЕСОЗАД с. 4

АКРАМЗОДА: НАҚШАИ АНДОЗ БАРЗИЁД ИҶРО ШУД с. 2



# ТОҶИКИСТОН

№ 30 (1692), 29.07.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ҲАФТ ҶУДОКОР

## ЧАРО ФЕДЕРАТСИЯ ОНҲОРО АЗ МУҲОРИБА МАҲРУМ КАРД?

ДАР ИН ШУМОРА:

**МУҲОҶИР**
Русия душвориҳои нав ҷорӣ кард с.3

**МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ**
Чаро яке рушд дораду дигаре қафомонда? с.5

**УМРИ ЯКАСРА**
Кӯҳансолтарин шаҳрванди Тоҷикистон чандсола аст? с.3

**БОНКИ МИЛЛӢ**
Оғози хизматрасонии Apple Pay дар Тоҷикистон с.7

**КАРОМАТ НАЗАРОВА**
Аз 12 метри мураббаъ то империяи озуқаворӣ с.10

**«РОҒУН»**
150 миллиони Италия барои идомаи сохтмон с.7

**ВАРЗИШ**
Паҳлавонон ба “Grand Slam”-и Лозанна мераванд с.15

**КАНЗИ ШИФО**
5 ғизои солим барои майнаи сар с.12

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

---

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

---

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

---

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

Парвиз Акрамзода:

## НАҚШАИ АНДОЗ БАРЗИЁД ИҶРО ШУД

**Буҷети шаҳри Турсунзода бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 102 фоиз иҷро гардида, 227 миллиону 357 ҳазор сомонӣ ворид шудааст.**

Парвиз Акрамзода, раиси шаҳри Турсунзода иттилоъ дод, ки қисми хароҷоти буҷети шаҳр ба андозаи 93,9 фоиз ба маблағи 223,5 миллион сомонӣ иҷро гардида, 98,7 фоизи хароҷот барои пардохти музди меҳнат ва мадади ҳимояшавандаи буҷетӣ равона шудаанд.

Ба иттилои Парвиз Акрамзода, ҳоло дар шаҳри Турсунзода 97 корхонаи саноатӣ фаъолият доранд. "Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 1 миллиарду 158,8 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 147,7 миллион ё 14,6 фоиз зиёд мебошад",- изҳор дошт раиси шаҳри Турсунзода.

## 7 ҶУДОКОР

Чаро федератсия онҳоро аз муҳориба маҳрум кард?

**Комиссияи интизомии Федератсияи ҷудои Тоҷикистон 7 паҳлавони маъруфи кишварро барои 4 моҳ аз ширкат дар тамоми мусобиқаҳо маҳрум кард.**

Инҳо Сомон Маҳмадбеков (-81 кг), Темур Раҳимов (+100 кг), Обид Ҷӯбов (-66 кг), Абдуллои Ориф (-73 кг), Умедҷон Раҷабов (-90 кг), Виктория Киселёва (+78 кг) ва Александра Кан (-57 кг) мебошанд. Сабаби ин қарор "вайрон кардани интизоми касбӣ, сарпечӣ ва ҳозир нашудан"-и онҳо ба 3 давраи ҷамъомади таълимиву тамринии дастаҷамъона зери роҳнамоии мураббиҳои нав аст. Тамринҳои мазкур барои омодагии тими мунтахаби ҷудои Тоҷикистон ба мусобиқаҳои байналмилалӣ - Бозиҳои Осиё дар Ҷопон ва Қаҳрамонии ҷаҳон дар Боку пешбинӣ шуд буданд. Ҳамчунин, онҳо нисбат ба аъзои дастаи мунтахаб беҳурматӣ карда, нақшаи расмии омодагиро этироф накардаанд. Дар қарори Комиссияи интизомии Федератсияи ҷудо гуфта мешавад, ки бо вуҷуди чанд маротиба даъват аз паҳлавонон ва мураббиёнашон барои иштирок дар машқҳо, аз ҷониби онҳо ҳеҷ гуна ҷавоб ва аксуламал нишон дода нашуд.

## ТАҚСИМОТИ ТАКРОРИИ ДОВТАЛАБОН

**Аз 11 то 13-уми август тақсимоти такрории довталабон барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор мегардад.**

Ба иттилои Маркази миллии тестии Тоҷикистон, дар ин давр танҳо довталабоне метавонанд иштирок кунанд, ки дар тақсимоти асосӣ соҳиби ҷой нашудаанд. Тақсимоти такрорӣ аз рӯйи ҷойҳои холимонда ва ё ҷойҳое, ки пас аз ҳозир нашудани донишҷӯёни қабулшуда холӣ мондаанд, анҷом дода мешавад. Барои иштирок дар тақсимоти такрорӣ супоридани имтиҳони нав лозим нест. Тақсимот дар асоси холҳои қаблан бадастовардаи довталабон сурат мегирад.



## САФАРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҚАЗОҚИСТОН

**29-уми июл Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар маросими ифтитоҳи мусобиқаҳои байналмилалии «Бозиҳои оянда-2026» ба шаҳри Остонаи Қазоқистон сафар кард.**

Ӯро дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Остона Сарвазири Қазоқистон Олжас Бектенов ва дигар намояндаҳои расмӣ пешвоз гирифтанд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо Президенти Қазоқистон Қосимҷомарт Тоқаев вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дӯстӣ, шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии миёни Тоҷикистон ва Қазоқистонро баррасӣ карданд.

Ҳарду ҷониб аз динамикаи мусбати ҳамкорӣ қариб дар ҳама соҳаҳо изҳори қаноатмандӣ карданд. Аҳамияти идомаи муколамаи мунтазами сиёсии байнидавлатӣ ва густариши робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн таъкид гардид.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ доранд.

## САРИ САБЗ



**Сиёвуш ҶУНАЙДӢ, шоири навгӯи адабиёти тоҷик**

**- Сӣ солро ҳамеша бо эҳсоси бозгашт ба ватан зиндагӣ кардем. Тавре мегӯянд, "рӯйи ҷомадон зиндагӣ кардем". Ман китобҳое доштам, ки солҳо бастабандияшон боз нашудааст. Чаро? Барои он ки мегуфтам, меравам хона, меравам Тоҷикистон ва онҷо сари фурсат мехонам.**

*- Ииии, наход дар давоми сӣ сол фурсати хондани китобҳо нашуда бошад-а? Агар ки дар хона хондан мехостед, бояд аз "рӯйи ҷомадон" поин мешудед ва онро назди дари баромадгоҳ мегузоштед, то эҳсосу тасмими бозгашт ҷиддитар мегардид.*



**Муҳсинҷон АХМЕДОВ, мутахассили ихтисоси «Heilerziehungspflege»**

**- Футболро хеле дӯст медоштам. Орзу доштам дар ягон даста бозӣ кунам, аммо чунин имконият насибам нашуд. Боз мехостам актёр шавам. Барои ҳамин ният доштам ба мактаби актёрии Истанбул дохил шавам. Бо сабаби шароити молиявӣ ин орзуам амалӣ нашуд.**

*- Ҳа-а, тақдир дар пешонаатон дигар чиз навишта будааст-дия. Беҳтараш, аз қафои ду "харгӯш" надавида, як касбро интихоб мекардед, то ин ки муваффақ гардед. Хайр, безобита нашавед, гузашта гузашт.*



**Дилшод АВАЗӢ, коргардони ҷавони тоҷик**

**- Барои рушди синамои тоҷик бояд ба тайёр кардани сенарияҳои босифат таваҷҷуҳ кард. Илова ба ин, аз сензураи дохилӣ озод бояд шавем. Бисёре аз филмсозҳои мо монеаи дарунӣ доранд. Ва фикр мекунам, ба ҳар ҳол дар навиштани филмнома бояд озод бошанд.**

*- Эҳа, мо даруни онҳоро аз куҷо донем, ки чӣ монеа дорад? Агар донем ҳам, ба бартараф кардани монеаи дарунияшон шояд қувватамон нарасад. Дар ҳоле, ки шояд монеа дар майнаи сарашон ҷойгир шуда бошад...*

# ДУШВОРИҲОИ НАВ БА МУҲОҶИРОН




**«ПРЕЗИДЕНТИ РУСИЯ ВЛАДИМИР ПУТИН БАСТАИ ҚОНУНҲОЕРО БА ИМЗО РАСОНД, КИ ҚОИДАҲОИ КОРУ ИҚОМАТИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶИРО ДАР ИН КИШВАР БА ТАВРИ НАЗАРРАС ТАҒЙИР МЕДИҲАНД. ТАҒЙИРОТ ПЕШ АЗ ҲАМА БА МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ВА АЪЗОИ ОИЛАҲОИ ОНҲО ДАХЛ ДОРАД.**

### МУҲЛАТ 15 РӮЗ

Муҳимтарин навоварӣ тасдиқи ҳатмии даромад аст. Аз соли 2027 муҳоҷир бояд исбот кунад, ки маблағи бадастовардааш барои таъмини рӯзгори худ ва ҳамаи аъзои оилае, ки дар Русия зиндагӣ карда, таҳти саробонии ӯ қарор доранд, кофӣ мебошад. Даромади муҳоҷир набояд аз ҳадди ақали зисти минтақа, бо назардошти коэффисиенти муайяншуда, камтар бошад. Яъне, ҳар қадар шумораи аъзои оилаи таҳти таъминоти муҳоҷир зиёд бошад, ҳамон қадар талабот ба ҳаҷми даромади ӯ боло меравад. Ин тағйирот ба муҳоҷирони оиладор тааллуқ дорад. Бисёре аз муҳоҷирон ҳамсар ва фарзандони худро низ ба Русия мебаранд, аммо даромади расмии онҳо барои таъмини тамоми хонавода кифоя нест. Баъди мавриди амал қарор гирифтани қонун танҳо доштани патент ё иҷозатномаи корӣ кофӣ нахоҳад буд. Муҳоҷир бояд даромади расмӣ ва андозсупории худро низ тасдиқ кунад.

Агар даромади шаҳрванди хориҷӣ аз сатҳи муқарраршуда паст бошад, муҳлати патент ё иҷозатномаи кори ӯ тамдид намешавад. Пас аз қатъ шудани амали ҳуҷҷат муҳоҷир вазифадор мешавад Русияро тарк кунад. Кӯдакони ноболиғи ӯ низ, агар асоси дигари қонунии иқомат надошта бошанд, бояд ҳамроҳаш кишварро тарк намоянд. Барои ин 15 рӯз муҳлат дода мешавад.

### МУҲОҶИР УҲДАДОР АСТ…

Назорати даромади муҳоҷирон танҳо ба пешниҳоди ҳуҷҷат аз ҷониби худи онҳо маҳдуд намешавад. Мақомоти андози Русия маълумоти марбут ба даромади шаҳрвандони хориҷиро барои давраҳои се, шаш, нуҳ ва дувоздаҳ моҳи тақвимӣ ба таври худкор ба Вазорати корҳои дохилӣ пешниҳод мекунанд. Худи муҳоҷир низ ҳангоми пешниҳоди огоҳиномаи солонаи иқомат бояд маълумотнома дар бораи даромад, нусхаи электронии андоз ё ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти андоз аз даромади шахсони воқеиро пешниҳод намояд. Ин низом барои муҳоҷироне, ки музди меҳнаташонро ғайрирасмӣ ё нақдӣ мегиранд, мушкил эҷод мекунад. Ҳатто агар муҳоҷир дар асл маблағи кофӣ ба даст орад, вале он дар шартномаи меҳнатӣ ва низоми андоз сабт нашуда бошад, мақомоти давлатӣ ин даромадро ба ҳисоб намегиранд. Аз ин рӯ, кор дар асоси шартномаи расмӣ ва нишон додани музди воқеӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад.

### ПЕШПАРДОХТИ АНДОЗ

Талаботи мазкур ба он шаҳрвандони хориҷӣ низ дахл дорад, ки назди шахсони воқеӣ кор мекунанд. Ба ин гурӯҳ парасторон, касалбонҳо, кормандони хона, ёварони хоҷагӣ ва иҷрокунандагони корҳои дигари рӯзгор дохил мешаванд.

Хориҷиёне, ки назди шахсони воқеӣ барои эҳтиёҷоти хонаводагӣ кор мекунанд, бояд барои ҳар моҳи будубош 1700 рубл пешпардохти андоз супоранд. Барои кормандони ташкилотҳо, соҳибкорони инфиродӣ, нотариусҳо, адвокатҳо ва дигар сохторҳо маблағи асосӣ 1200 рубл боқӣ мемонад.

### ДУШВОРӢ БА КӮДАКОН

Шароити иқомати фарзандони муҳоҷирон низ тағйир меёбад. Кӯдак танҳо то замоне метавонад дар Русия зиндагӣ кунад, ки иҷозатномаи кори падар ё модараш амал мекунад. Барои ӯ низ пардохти маблағи сабтшудаи пешакии андоз пешбинӣ шудааст.

Пас аз расидан ба синни 18-солагӣ фарзанди муҳоҷир бояд дар давоми 30 рӯз Русияро тарк кунад ё барои гирифтани патенти корӣ ариза диҳад. Ин талабот метавонад хароҷоти хонаводаҳои муҳоҷирро зиёд ва муҳоҷирати оилавиро мураккабтар созад.

### МАҲДУДИЯТИ АЛОҚА

Қонунҳои нав ҳамчунин тартиби ба шаҳрвандони хориҷӣ додани симкортро сахттар мекунанд. Фурӯши симкорт бидуни сабти рамзи IMEI-и дастгоҳи мобилӣ ё бо истифода аз рамзи қалбакӣ метавонад боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ гардад.

ТАСС хабар медиҳад, ки талаботи нав аз 1-уми январи соли 2027 мавриди амал қарор мегиранд. Фақат табодули маълумот миёни мақомоти андоз ва ВКД аз 1-уми октябри соли 2026 оғоз мешавад.

**О. СОҲИБЗОДА**

# КӮҲАНСОЛТАРИН ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН ЧАНДСОЛА АСТ?

**Дар Тоҷикистон расман 280 нафақагир аз 100 сол бештар умр дошта, калонсолтарини онҳо ду зани 113-сола будаанд. Ин пиронсолон ёке дар шаҳри Бохтар ва дигаре дар ноҳияи Рӯдакӣ зиндагӣ мекунанд.**

Абдураҳмон Ҳалимзод, раиси Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа рӯзи 22-юми июл дар нишасти хабарӣ гуфт, ки саломатии ин ду зани солхӯрда "пурра хуб" аст. "Суҳбат ҳам кардем ҳамроҳашон. Хеле дар як ҳолати хуб қарор доштанд", - гуфт ӯ.

**Ба гуфтаи манбаъ, омори нафақагирони аз 100-сола боло то 1-уми июли соли ҷориро дар бар гирифта, теъдоди онҳо дар минтақаҳо чунин аст:**

*- ВМКБ - 1 кас;*
*- вилояти Суғд - 42 кас;*
*- вилояти Хатлон - 136 кас;*
*- шаҳри Душанбе - 21 кас;*
*- ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 80 кас;*

Дар аввали сол дар кишвар расман 239 нафақагири аз 100-сола боло сабт шуда буд. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки то 1-уми июли соли ҷорӣ 876 ҳазору 990 нафақагир сабт шудааст, ки ин теъдод назар ба аввали ҳамин сол 216 кас кам аст.

**Ҳоло теъдоди нафақагирон дар минтақаҳо чунин будааст:**

*- ВМКБ - 30 ҳазору 585 кас;*
*- вилояти Суғд - 274 ҳазору 176 кас;*
*- вилояти Хатлон - 313 ҳазору 283 кас;*
*- шаҳри Душанбе - 85 ҳазору 524 кас;*
*- ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 175 ҳазору 641 кас;*

Аз теъдоди умумии нафақагирон 170 ҳазору 757 нафарашон дорои маъюбият будаанд.

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Соли равон Тоҷикистон бо шарикони рушд 17 созишномаи қарзию грантиро барои татбиқи 14 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 386,9 миллион доллар ба имзо расонид.**




Тавре раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон **Султон Раҳимзода** дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, созишномаҳои қарзию грантӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, сайёҳӣ, маориф, тандурустӣ, ирригатсия ва кишоварзӣ ба имзо расонида шудаанд.

Дар ин давра маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Тоҷикистон 89 ададро ташкил дод, ки аз он 55 лоиҳа грантӣ, 5 лоиҳа қарзӣ ва 29 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант мебошанд.

**Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Тоҷикистон Сахидод Раҳматуллозода дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки дар шаш моҳи соли равон ба кумита 47 мурочиат оид ба мувофиқаи номҳо ворид шудааст.**



Ба ақидаи раиси кумита, дар фарҳанги тоҷикон аз қадим гузоштани номи нек ба фарзанд яке аз суннатҳои муҳим ба шумор меравад.

«Мо набояд ба фарзандон номҳое гузорем, ки маънои номуносиб, таҳқиромез ё бегона дошта бошанд. Вақте инсон ба синни балоғат мерасад ва маънои номи худро мефаҳмад, агар он маънои хуб надошта бошад, метавонад боиси норохатии равонияш гардад»,- афзуд Сахидод Раҳматуллозода.

**Икром Зоирзода, прокурори вилояти Хатлон дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки давоми шаш моҳи соли равон ба 353 қарор ва амрҳои ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳия эътироз оварда шудааст.**



Ба иттилои ӯ, аз ин беш аз 70 дарсад ба масъалаи замин вобаста аст.

"Бештар дар шаҳру ноҳияҳои Кӯшониён, Бохтар, Панҷ, Шаҳритус ва ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ба қарорҳои раисон эътирози прокурорӣ оварда шудааст",- таъкид кард вай.

# ЧИН ДАР ЗАРАФШОН ДУ НЕРӮГОҲ МЕСОЗАД

**ЯК ШИРКАТИ ЧИНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДУ НЕРӮГОҲИ БАРҚӢ-ОБӢ МЕСОЗАД. ИН НЕРӮГОҲҲО ДАР ҲАВЗАИ ДАРЁИ ЗАРАФШОН БУНЁД ХОҲАНД ШУД. ҚАБЛАН ГУФТА МЕШУД, КИ ИН НЕРӮГОҲҲОРО ТОҶИКИСТОНУ ӮЗБЕКИСТОН МУШТАРАК БУНЁД МЕКУНАНД.**



Тибқи иттилои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон, ширкати чинии China Gezhouba Group International Engineering Co., Ltd сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Айнӣ»-ро бо иқтидори 160 мегаватт ва нерӯгоҳи «Ёвон»-ро бо иқтидори 100 мегаватт ба уҳда мегирад. Масъалаи амалисозии лоиҳа рӯзи 25-уми июл зимни мулоқоти роҳбарияти вазорат бо намояндагони ширкати чинӣ баррасӣ шудааст.

Ин хабар аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ҳанӯз аз соли 2018 роҳбарони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар бораи истифодаи муштараки захираҳои гидроэнергетикии ҳавзаи Зарафшон ба мувофиқа расида буданд. Дар пайи ин мувофиқаҳо, солҳои 2020 ва 2025 ҷонибҳо барои омода намудани асосноккунии техникиву иқтисодӣ ва муайян кардани тартиби иштирок дар сохтмон гуфтушунид анҷом дода, ҳатто созишномаи дахлдорро ба имзо расонида буданд.

Тибқи нақшаҳои қаблӣ, нерӯгоҳи «Ёвон» бояд бо арзиши тахминии 282 миллион доллар ва иқтидори то 140 мегаватт сохта шуда, солона то 800 миллион киловатт-соат нерӯи барқ истеҳсол мекард.

Нерӯгоҳи дуюм, ки дар минтақаи Фон пешбинӣ шуда буд, арзиши тахминии 270 миллион доллар дошта, бояд то 135 мегаватт иқтидор ва беш аз 500 миллион киловатт-соат истеҳсол менамуд. Он замон мақомоти Ӯзбекистон изҳор дошта буданд, ки маблағгузории асосии тарҳро дар якҷоягӣ бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ таъмин хоҳанд кард.

Ҳоло ҷалби ширкати чинӣ нишон медиҳад, ки механизми амалисозии тарҳ тағйир ёфтааст. То имрӯз мақомоти Тоҷикистон ва Ӯзбекистон сабаби чунин тағйиротро шарҳ надодаанд. Аз ин рӯ, маълум нест, ки Ӯзбекистон аз тарҳ пурра канор рафтааст ё танҳо нақши сармоягузор ва пудратчӣ ба ҷониби Чин дода шудааст.

Ин тағйирот бо назардошти нақши рӯзафзуни Чин дар иқтисоди Тоҷикистон низ қобили таваҷҷуҳ аст. Солҳои охир ширкатҳои чинӣ дар кишвар бештар дар бахшҳои роҳсозӣ, истихроҷ ва коркарди маъдан фаъолият доранд.

# ҲАМЛА БА WILDBERRIES ВА МАРГИ ҶАВОНИ ТОҶИК

**ДАР ҲАМЛАҲОИ АХИРИ ПАҲПОДИИ УКРАИНА БА АНБОРҲОИ ШИРКАТИ БУЗУРГИ ТИҶОРАТИ ОНЛАЙНИИ WILDBERRIES ЯК ҶАВОНИ ТОҶИК ҲАМ КУШТА ШУД. ДАР ЯК ҲАФТАИ ОХИР ПАНҶ МАРКАЗИ ЛОГИСТИКИИ ИН ШИРКАТ МАВРИДИ ҲАМЛА ҚАРОР ГИРИФТААНД, КИ БА ҲИСОБИ ТАХМИНӢ ТАҚРИБАН 10 ДАРСАДИ ИҚТИДОРИ ЛОГИСТИКИИ WILDBERRIES-РО ТАШКИЛ МЕДИҲАД.**



Тибқи иттилои мақомоти вилояти Ленинград, рӯзи 24-уми июл дар пайи ҳамлаи навбатии паҳподҳо ба анбори ширкат се нафар ҷароҳат бардоштанд. Ҳарчанд роҳбарияти Wildberries мегӯяд, дар ин ҳамла талафоти ҷонӣ ба қайд гирифта нашудааст, ширкат тасдиқ кардааст, ки фаъолияти ду маркази логистикии худ дар вилояти Ленинградро муваққатан қатъ намуда, кормандонашро аз нимҷазираи ишғолшудаи Қрим берун овардааст.

Пеш аз ин, рӯзи 18-уми июл анборҳои ширкат дар вилояти Тамбов ва шаҳри Электростали вилояти Маскав ҳадафи ҳамла қарор гирифта, бар асари он ҳашт корманд ҷон бохта буданд. Баъдан марказҳои дигари ширкат дар шаҳрҳои Краснодар ва Невинномиск низ мавриди зарба қарор гирифтанд.

Киев ин ҳамлаҳоро тасдиқ намуда, изҳор кардааст, ки Wildberries дар таъмини ниёзҳои низомии Русия саҳм дорад ва баъзе марказҳои он барои нигоҳдорӣ ва интиқоли молу таҷҳизоти марбут ба артиш истифода мешаванд. Аз тарафи дигар, Русия ҳамарӯза шаҳрҳо, нерӯгоҳҳо ва марказҳои логистикии Украинаро ҳадафи ҳамлаҳои мушакӣ ва паҳподӣ қарор медиҳад.

Ҳамлаҳо ба Wildberries барои Тоҷикистон низ паёмад доштаанд. Яке аз қурбониёни ҳамлаи 18-уми июл Наврӯзҷон Содиқови 25-сола сокини ноҳияи Ҷайҳун буд, ки дар анбори ширкат дар Электростал кор мекард. Ӯ рӯзи 23-юми июл дар зодгоҳаш ба хок супурда шуд. Ба гуфтаи наздиконаш, то замони дафн аз ҷониби ширкат ҷуброни расмӣ пардохт нашуда буд, ҳарчанд расонаҳои русӣ хабар доданд, ки ширкати ҳамкори Wildberries – «Ресурс Плюс» ба пайвандони ӯ як миллион рубл кумак кардааст.

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар самти идораи тайёраҳои бесарнишин мутахассис омода менамояд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Зоир Раҳмонзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Ба гуфтаи ӯ, айни замон 25 нафар аз рӯйи ин ихтисоси нав таҳсил мекунанд. Зоир Раҳмонзода таъкид намуд, ки барои машғулиятҳои амалӣ донишҷӯён аз пойгоҳи моддию техникии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Тоҷикистон истифода мебаранд.

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон узви Донишгоҳи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) шуд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Хайрулло Назарзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Ба гуфтаи ӯ, қарор дар бораи пазируфтани донишгоҳ ба узвияти Донишгоҳи Созмони ҳамкории Шанхай дар чорабинии вохӯрии вазирони маориф ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои аъзои СҲШ қабул гардид. Ин ҳамоиш моҳи июни соли 2026 дар шаҳри Мински Беларус баргузор шуд. Ректор таъкид намуд, ки пайвастан ба ин шабакаи бонуфузи байналмилалӣ ба густариши ҳамкориҳои илмӣ, таълимӣ дар хориҷ заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия факултети журналистика таъсис дода шуд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Алексей Золотухин хабар дода, гуфт, ки чанд рӯз пеш фармоиши таъсиси он ба имзо расид.**



Ба гуфтаи ӯ, айни замон корҳои ташкиливу омодагӣ барои оғози фаъолияти факултет идома доранд.

«Барои таълим дар ин факултет мутахассисони донишгоҳи мазкур, ки дар самти журналистика ва соҳаҳои ҳаммарбут тахассус доранд, ба кор ҷалб хоҳанд шуд»,- таъкид дошт номбурда.

Қаблан мутахассисони соҳаи журналистика дар ин донишгоҳ дар факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳо омода карда мешуданд.



# МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

## Чаро яке рушд дораду дигаре қафомонда?

**ДАР ТОҶИКИСТОН ПАНҶ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛИЯТ ДОРАНД. АММО ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИШАСТИ МАТБУОТИИ СОЛИ ҶОРӢ, НИШОНДИҲАНДАҲОИ ОНҲО ЯКСОН НЕСТАНД. ТАНҲО ДУ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ - «СУҒД» ВА «ДАНҒАРА» БА МАРКАЗҲОИ ВОҚЕИИ ИСТЕҲСОЛ ВА ҶАЛБИ САРМОЯ ТАБДИЛ ЁФТААНД. МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «ПАНҶ», «КӮЛОБ» ВА МАХСУСАН «ИШКОШИМ» ҲАНӮЗ АЗ ИМКОНИЯТУ ИҚТИДОРИ ПЕШБИНИШУДА ПУРРА ИСТИФОДА НАКАРДААНД.**



*Муҳаммад Муҳаммадзода, роҳбари Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд»*

### МИО «СУҒД» ДАР МАҚОМИ АВВАЛ

Тибқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдо, имрӯз дар Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» 52 субъект ба қайд гирифта шудаанд. Дар шаш моҳи аввали соли равон боз чор субъекти нав ба фаъолият оғоз кардаанд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти минтақа дар ин давра ба 290 миллион сомонӣ расида, он аз рӯйи истеҳсол миёни ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар мақоми аввалро нигоҳ доштааст. Албатта, ин натиҷа якбора ба даст наомадааст. МОИ «Суғд», ки соли 2008 таъсис ёфтааст, имрӯз таҷрибаи беш аз понздаҳсолаи фаъолият дорад. Дар ин муддат он тавонист муҳити устувори истеҳсолӣ ва шабакаи васеи корхонаҳоро ташаккул диҳад.

Дар минтақа корхонаҳои истеҳсоли профилҳои алюминӣ ва пластикӣ, маҳсулоти полимерӣ, симу нокилҳои баркӣ, мебел, масолеҳи сохтмонӣ, меваи хушк ва ахиран воситаҳои хурди нақлиёти баркӣ фаъолият мекунанд. Самти гуногун дар истеҳсолот яке аз омилҳои муҳими устувории иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаҳои даҳ соли охир низ ин воқеиятро тасдиқ мекунанд. Агар соли 2016 ҳаҷми истеҳсол ҳамагӣ 73,3 миллион сомониро ташкил медод, пас соли 2025 он ба 557,7 миллион сомонӣ расид. Яъне, истеҳсол беш аз 7,5 баробар афзоиш ёфтааст. Бартарии дигари МОИ «Суғд» дар он аст, ки қисми зиёди корхонаҳо танҳо барои бозори дохилӣ фаъолият намекунанд. Маҳсулоти истеҳсолшудаи ин минтақа ба Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркия, Олмон, Беларус, Озарбойҷон, Ироқ ва чанд кишвари дигар содир мешавад. Барои мисол, корхонаи «Афранг Пластик» то 80 фоизи маҳсулоти худро ба хориҷ мефиристад. Корхонаи «Донаи Алмос» бошад, меваи хушкро ба чандин бозори хориҷӣ содир мекунад. Яъне, ин нишон медиҳад, ки МОИ «Суғд» аз марҳилаи ивазкунандаи воридот гузаштааст. Он ҳамчун минтақаи истеҳсолу ба содирот нигаронида табдил ёфтааст.



*Ҷамшед Собирзода, роҳбари МОИ «Данғара»*

### МОИ «ДАНҒАРА» ДАР МАҚОМИ ДУЮМ

Дар баробари «Суғд», Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» низ солҳои охир босуръат рушд мекунад. Имрӯз дар он 38 субъект фаъол буда, танҳо дар нимсолаи аввал ҳафт субъекти нав ба қайд гирифта шудаанд. Ин ҳам аз таваҷҷуҳи бештари сармоягузорон ба ин минтақа далолат мекунад. Истеҳсол дар ин минтақа бештар ба саноати вазнин ва коркарди ашёи хом равона гардидаст. Корхонаҳои истеҳсоли конструксияҳои металлӣ, маҳсулоти нафтӣ, қубурҳои полиэтиленӣ, маҳсулоти бетонӣ, рангҳои сохтмонӣ, маҳсулоти кишоварзии коркардшуда ва маҳсулоти тамоку фаъолияти асосиро ташкил медиҳанд. Дар давоми даҳ соли охир истеҳсол дар «Данғара» беш аз 12 баробар афзоиш ёфтааст. Ҳоло ин минтақа аз рӯйи ҳаҷми истеҳсол аз «Суғд» қафо мондааст. Аммо аз рӯйи суръати рушди сармоягузорӣ яке аз минтақаҳои фаъолтарин маҳсуб меёбад.

### ЧАРО МИНТАҚАҲОИ ДИГАР АҚИБ МОНДАНД?

Се минтақаи дигари иқтисодӣ дар муқоиса ба дигар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, яъне «Суғд» ва «Данғара» ҳанӯз натавонистаанд ба марказҳои бузурги истеҳсолу содирот табдил ёбанд. Ба андешаи таҳлилгарони масоили иқтисодӣ, МОИ «Панҷ» аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ бартарии бузург дорад.



*Бузургмеҳр Каримзода, роҳбари Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»*

Наздикии он ба сарҳади Афғонистон имкони рушди тиҷорати минтақавӣ ва логистикаро фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, истеҳсоли минтақа то ҳол асосан ба фаъолияти чанд корхона такя мекунад. Ҳарчанд содирот ба Афғонистон идома дорад ва нақшаҳои таъсиси кластери нассоҷӣ пешниҳод шудаанд, сатҳи диверсификатсияи истеҳсол ҳанӯз маҳдуд боқӣ мемонад.

МОИ «Кӯлоб» ҷавонтарин минтақаи озоди иқтисодӣ мебошад ва бештар дар марҳилаи ташаккули инфрасохтор қарор дорад.

(Давомаш дар саҳ. 7)

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар шаҳри Душанбе сохтмони бинои баландошёнаи истиқоматӣ барои омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оғоз гардид. Дар ин бора ректори донишгоҳ Аҳлиддин Ибодуллозода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Бинои нав 15-ошёна буда, дар он 230 манзил, аз ҷумла 90 хонаи якҳуҷрагӣ ва 140 хонаи дуҳуҷрагӣ ҷойгир мешавад. Манзилҳои сохташуда пеш аз ҳама ба омӯзгорони дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ, мутахассисоне, ки аз ноҳияҳои дурдаст барои кор ба донишгоҳ омадаанд, пешниҳод карда мешаванд.

**Соли равон донишҷӯёни хориҷӣ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино зиёд шудаанд. Айни ҳол дар донишгоҳ 2161 донишҷӯ аз 32 кишвари ҷаҳон таҳсил мекунанд.**



Дар ин бора ректори донишгоҳ **Муҳиддин Нуриддин** зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба иттилои ректор, дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино айни замон 14 ҳазору 879 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд. Ба гуфтаи ӯ, аз шумораи умумии донишҷӯён 9863 нафар дар факултети тиббӣ, 2539 нафар дар факултети стоматологӣ, 1212 нафар дар факултети педиатрӣ, 750 нафар дар факултети тиббӣ-профилактикӣ ва 515 нафар дар факултети фармасевтӣ таҳсил доранд.

**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи 55 ихтисос мутахассис омода менамояд. Дар ин бора ректори донишгоҳ Усмон Маҳмадёрзода иттилоъ дод.**



Ӯ гуфт, ки барои боз ҳам бештар пайванд намудани илм бо истеҳсолот филиалҳои кафедраҳои тахассусӣ бо ҳоҷагию муассисаҳои пешқадам шартномаҳо бастаанд. Ба таъкиди ректор, донишҷӯён ҳамасола таҷрибаомӯзии истеҳсолию таълимиашонро дар филиалҳо мегузаранд. Донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзӣ дониши назариявиро дар амал татбиқ намуда, малакаи касбияшонро баланд мебардоранд.

Порча аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР:

# ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР

**(Идома аз шумораи гузашта)**



# ХУСДЕҲ

## сафаре, ки роҳи ҷангро баст

Ба андозаи фуруд омадани чархбол чеҳраҳои одамони майдон равшантар намудор мегашт, аммо ин ба касе оромӣ намебахшид.

Мурод Саидов аз ҷой нимхез шуд ва аз тиреза ба поён нигарист. Ногоҳаш мехост чеҳраҳоро аз ҳам ҷудо созад, аммо аз баландӣ ин кори осон нест. Он рӯзҳо дар Афғонистон силоҳ ҷузъи зиндагии ҳаррӯзаи мардум гашта буд. Муайян кардани дар майдон будагон, ки муҳофизони мулоқотанд ё гурӯҳи дигаре, имкон надошт.

Чархболҳо нарм ба замин нишастанд. Чанд сонияи танҳо садои муҳаррикҳо шунида мешуд. Гарду ғуборе, ки чархҳо хезониданд, майдонро фаро гирифт. Чеҳраҳои одамони дар поён истода гоҳ аён мешуданду гоҳ нопадид.

Аввалин шуда Мурод Саидов аз ҷояш хест ва дарро кушод.

Чархбол ҳанӯз пурра аз ҳаракат намонда буд. Сайидамир Зуҳуров аз он поён ҷаҳид. Ӯ бо як нигоҳ майдонро аз назар гузаронд. Ногоҳаш аз ҳалқаи мусаллаҳон, мошинҳои дар канор истода ба роҳи баромад гузашт. Сипас, кӯтоҳ ба Мурод Саидов нигоҳ кард. Ҳар ду бе ягон калима ҳамдигарро фаҳмиданд.

Танҳо баъд Сайидамир Зуҳуров бо ишораи сар ба дари чархбол нигарист. Ин ҳамон ишорае буд, ки ҳама интизориаш мекашиданд. Президент аз чархбол фаромад. Бо фаромадани ӯ ҳалқаи муҳофизон ноаён тангтар шуд. Дар чунин ҳолат амният танҳо дар силоҳ не, дар ҳамоҳангии нигоҳҳо ва ишораҳо буд.

Ҳанӯз чархҳо аз ҳаракат бознамонда, ду «Ланд Крузер»-и дар канори майдон истода ба чархбол наздик омаданд. Ҳама амал бе шитоб, вале бо дақиқии пешакӣ тархрезишуда анҷом мепазируфт.

Дари мошини аввал кушода шуд. Президент ба он нишаст. Аз дари пеш Мурод Саидов ворид гашт. Сайидамир Зуҳуров бори дигар ба атроф назар андохта, ба мошини дуюм савор шуд. Лаҳзае пас ҳар ду мошин бо суръат аз ҷой ҷастанд. Онҳо чанги майдонро ба ҳаво хезонда, аз миёни силоҳбадастон гузашта, ба роҳи танги байни кӯҳҳо даромаданд.

### ДАР ОҒӮШИ ПАНҶШЕР

Роҳ миёни кӯҳҳо печутоб мехӯрд. Мошинҳо бе шитоб пеш мерафтанд. Чархҳо гоҳ аз болои харсангҳо гузашта, баланд мешуданд, гоҳ ба чуқуриҳо бармехӯрданд. Дар баъзе ҷойҳо роҳ чунон танг мегардид, ки ба назар мерасид ду мошин аз паҳлуи ҳам гузашта наметавонанд.

Президент аз тиреза ба берун менигарист.

Кӯҳҳо аз ҳар ду тараф чунон ба ҳам наздик меомаданд, ки гӯё роҳро дар оғӯши худ мегирифта бошанд. Дар нишебиҳо нишонаи зиндагӣ кам ба назар мерасид. Фақат гоҳе хонаҳои гилие ба назар менамуданд, ки ба харсангҳо такя доштанд.

Дар болои теппаҳо ва канори ағба гоҳ-гоҳ симои одамони мусаллаҳ намудор мегашт. Онҳо ҳаракати корвони мошинҳоро аз дур назорат мекарданд. Эҳтимол нерӯҳое буданд, ки амнияти роҳро таъмин менамуданд. Ё шояд не.

Мурод Саидов ба тахмин такя намекард. Ногоҳаш пайваста аз роҳ ба доманаи кӯҳҳо, аз доманаи кӯҳҳо ба куллаҳо мегузашт. Ҳар ҷунбиш, ҳар соя ва ҳар нуқтаи шубҳанокро бо диққат месанҷид.

Ӯ ба Президент чизе нагуфт. Дар чунин сафарҳо осудагии роҳбар низ ҷузъи кори амният буд.

Дар пеш ва пас мошинҳои муҳофизон ҳаракат мекарданд.

Роҳ печутоб мехӯрд. Бо ҳар гардиши нав аз паси сангҳо ё аз домани кӯҳ чанд нафар силоҳбадаст пайдо мешуданд. Онҳо сухане бар забон намеоварданд. Корвонро бо чашм гусел мекарданд ва ҳанӯз мошини охирин аз пешашон нагузашта, боз ба ҷойҳои худ бармегаштанд. Аз чеҳраҳои онҳо чизеро хондан мумкин набуд. На табассум мекарданд ва на даст меафшонданд. Танҳо бо нигоҳи хомӯш ҳаракати корвонро пайгирӣ менамуданд.

Дар канори роҳ чанд кӯдак меистоданд. Онҳо либосҳои кӯҳнаву ҷанда бар тан доштанд. Чеҳраҳояшон аз чангу офтоб тира гашта буд. Хомӯш ва бо чашмони кунҷков ба корвони мошинҳо менигаристанд. Президент нигоҳашро аз онҳо канда натавонист. «Инҳо фарзандони ҷанганд...» аз дил гузаронд. Онҳо аз паси мошинҳо намедавиданд, даст ҳам намеафшонданд. Танҳо нигоҳ мекарданд.

Пеши назари Президент боз ҳамон духтарчаи ҷорсола пайдо шуд. Мӯйҳои парешон, нигоҳи ҳайрон ва пирамарди навадсолаи дар паҳлуяш истода. Он манзара чунон равшан буд, ки гӯё на хотира, балки воқеаи дар ҳамин лаҳза рӯйдода бошад.

Ӯ чизе нагуфт. Дар чунин лаҳзаҳо сухан қудрати худро гум мекунад.

Ҷанг аз ин навраcон кӯдакиро рабуда буд. Каме дуртар ду пирамард рӯйи санге менишастанд. Яке асояшро бо ду даст дошта, ором ба мошинҳо менигарист. Дигаре танҳо сар ҷунбонд. Дар он нигоҳҳо кунҷковӣ бештар аз ҳарос буд.

Президент беихтиёр фикр кард, ки ҷанг, новобаста аз он ки дар Тоҷикистон аланга мегирад, ё дар Афғонистон, пеш аз ҳама чеҳраи одамонро дигар мекунад.

### АБДУЛЛО НУРӢ ЧАРО ҲУЗУР НАДОШТ?

Мошинҳо ҳамгашти дигаро убур намуданд. Дар пеш деҳае падидор шуд. Мурод Саидов охиста гуфт:

Хусдеҳ...

Мошинҳо назди ҳавлие, ки дар канори деҳа қарор дошт, истоданд. Ин ҷо макони мулоқот буд. Дар ду тарафи роҳ мардони панҷшерӣ саф ороста буданд. Аксарияти саллаҳои сафед ё сиёҳ бар сар, пероҳану шалвори маҳаллӣ бар тан доштанд. Дар чеҳраҳояшон на шӯру шавқ дида мешуду на ҳаяҷон. Онҳо бо чунон оромие меҳмонро пешвоз мегирифтанд, ки танҳо ба мардуми кӯҳистон хос аст. Президент аз мошин фаромад. Дасти мӯйсафедонро як-як фишурд. Мӯйсафеди нуроние ду даст ба сӯйи меҳмон дароз кард:

– Хуш омадед, Панҷшер хонаи шумост.

Касе даст ба сина мегузошт, баъзеҳо бо эҳтиром таъзим ба ҷо меоварданд.

Ҳама чиз одӣ буд, аммо дар ҳамин содагӣ меҳрубонии мардуми Панҷшер эҳсос мешуд.

Президент ба андеша рафт: мардуме, ки солҳо дар миёни ҷанг зиндагӣ мекунанд, расми меҳмондориро аз ёд набурдаанд.

Ҳамин дам аз миёни ҳозирон Аҳмадшоҳи Масъуд пайдо гашт. Ин бори аввал набуд, ки онҳо рӯ ба рӯ мешуданд. Дар мулоқотҳои пешин якдигарро хуб шинохта буданд ва ҳар ду медонистанд, ки дар чунин рӯзҳо эътимод арзиши беш аз ҳар гуна санадро дорад.

Онҳо ба ҳам наздик шуданд. Даст доданд. Дастфишорӣ кӯтоҳ буд, аммо самимӣ. Баъд ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд.

Ҳозирон ин манзараро хомӯшона наззора доштанд. Онҳо дарк намуданд, ки ин воҳурии ду шахси одӣ нест, ин мулоқоти ду нафарест, ки ҳар кадом бо роҳи худ барои боз кардани гиреҳи сулҳи тоҷикон саҳмгузоранд.

Президент ба гирду атроф назар андохт. Чеҳраҳои зиёдеро медид. Фармондеҳон. Мӯйсафедон. Ҷавонон. Меҳмонон. Аммо чашмонаш каси дигареро низ меҷустанд. Абдулло Нуриро. Ӯ набуд. Президент бори дигар ба издиҳом нигарист. Не, ҳанӯз наомада буд. Лаҳзае дар ташвиш шуд, ки мабодо ҳодисае рух надода бошад?

Ин ҷустуҷӯи хомӯшона аз назари Аҳмадшоҳи Масъуд пинҳон намонд. Вай солҳои зиёд дар миёни ҷанг зиндагӣ мекард. Медонист, ки баъзан як нигоҳ аз сад сухан пурмаънотар аст. Бе он ки чизе пурсад, чанд қадам аз ҷамъомадагон канор рафт.

Муҳобираро аз камар гирифт. Бо овози паст, вале қатъӣ гуфт:

– Бо раҳбари муҳофизини хоси Абдулло Нурӣ рух кун.

Пас аз чанд лаҳза аз он сӯ овоз омад:

– Гӯш мекунам.

– Устод куҷост?

– Дар қароргоҳ.

– Чаро ин ҷо нест?

Аммо он тараф хомӯш монд.

Аҳмадшоҳи Масъуд муҳобираро оҳиста ба камараш овехт. Дар чеҳрааш чизе тағйир наёфт. Гӯё аз он тарафи мавҷҳо ҳеҷ хабари ғайричашмдошт нашунида бошад.

Ӯ ором ба назди меҳмонони тоҷикистонӣ омад. Бо эҳтиром Президент ба ҳамроҳонашро ба хона даъват намуд. Меҳмонон вориди хона шуданд.

Аҳмадшоҳ Сайидамир Зуҳуровро канор кашид, чизе гуфт ва берун рафт.

Дар ҳавлӣ аллакай ду мошин ва чанд афсари сар то ба по мусаллаҳ ӯро интизор буданд. Пас аз лаҳзае мошинҳо роҳ ба сӯйи қароргоҳи Абдулло Нурӣ пеш гирифтанд.

Аҳмадшоҳи Масъуд тамоми роҳ ҳарфе нагуфт. Ӯ хуб медонист, ки ҳар дақиқаи таъхир метавонад на танҳо ба музокирот, балки ба эътимоде, ки бо чунин заҳмат миёни ду тараф ба вуҷуд омада буд, осеб расонад.

Ин роҳ барояш иқдом ба сӯйи сарнавишти мулоқоте буд, ки тамоми минтақа аз он умед дошт.

Мошинҳо назди қароргоҳ истоданд. Ҳавлӣ бо девори баланди гилӣ иҳота шуда, дарвозаи бузурги чӯбин аз дарун баста буд. Аз пушти девор на овозе меомад, на ҳаракате ба назар мерасид. Хомӯшие ҳукмфармо буд, ки аз оромии маъмулии деҳа фарқ мекард.

**(Давом дорад)**

# ОҒОЗИ ХИЗМАТРАСОНИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПАРДОХТИИ APPLE PAY ДАР ТОҶИКИСТОН

**28-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 2026 ЗИМНИ ВОХӮРИИ МУОВИНИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҒУЛОМЗОДА ЗИЁРАТШО БО НАМОЯНДАГОНИ НИЗОМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПАРДОХТИИ VISA, ҶСП «БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН», ҶСП «ҲУМО БОНК» ВА ҶСК «АЛИФ БОНК» МАСЪАЛАИ ОҒОЗИ ХИЗМАТРАСОНИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПАРДОХТИИ APPLE PAY ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРРАСӢ ГАРДИД.**





Дар рафти вохӯрӣ намояндагони низоми пардохтии байналмилалии VISA ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ омодагии худро ҷиҳати татбиқи хизматрасонии мазкур изҳор намуданд.

Роҳандозии хизматрасонии Apple Pay марҳилаи муҳимми рушди низоми миллии пардохтӣ ба ҳисоб рафта, аз ҳамгироии бозори молиявии Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии рақамӣ, мутобиқ гардидани инфрасохтори пардохтии кишвар ба талаботи муосири байналмилалӣ ва омодагии ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта, қулай ва бехатари пардохтӣ шаҳодат медиҳад.

Дар вохӯрӣ таъкид гардид, ки тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рақамикунонии иқтисодиёт, рушди инноватсияҳои молиявӣ ва тавсеаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар кишвар тадбирҳои пайваста амалӣ гардида истодаанд.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои муайянгардида, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои рушди инфрасохтори муосири пардохтӣ корҳои назаррас ба анҷом расонидааст. Айни замон, дар кишвар низомҳои ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ дар реҷаи вақти воқеӣ, интиқолҳои фаврӣ, хизматрасониҳои бонкдории мобиливу интернетӣ ва QR-рамзи ягона фаъолият доранд. Дар баробари хизматрасониҳои байналмилалии пардохтии Google Pay ва Garmin Pay, роҳандозии Apple Pay доираи хизматрасониҳои муосири пардохтиро боз ҳам васеътар менамояд.

Ҷорӣ намудани ин хизматрасонии муосири пардохтӣ натиҷаи тадбирҳои пайгиронаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти рушди инфрасохтори низоми пардохтӣ, татбиқи технологияҳои пешрафтаи молиявӣ, тавсеаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ҳамгироии низоми пардохтии кишвар ба фазои ҷаҳонии рақамӣ мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ дар доираи сиёсати рушди иқтисоди рақамӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионии пардохтӣ, баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ ва густариши хизматрасониҳои муосири пардохтӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд.

# МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

(Аввалаш дар саҳ. 5)



*Мустафо Абдуллозода, роҳбари МОИ «Кӯлоб»*

Дар ин ҷо сохтмони корхонаҳои истеҳсоли доруворӣ, маҳсулоти гигиенӣ, косметика ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ идома дорад. Аммо бо вуҷуди сармоягузории назаррас, ҳаҷми истеҳсол кам аст.



*Илол Неққадамзода, роҳбари МОИ “Ишкошим”*

Вазъи МОИ «Ишкошим» боз ҳам мушкилтар аст. Харчанд дар ин минтақа чор субъект ба қайд гирифта шудааст, истеҳсоли воқеии саноатӣ амалан вуҷуд надорад. Имкониятҳои рушди сайёҳӣ, тиҷорати сарҳадӣ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо то ҳол пурра истифода нашудаанд.

### ИМТИЁЗ ДАР МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ

Вазири рушди иқтисод ва савдо Абдурахмонзода Абдурахмон зимни нишасти матбуотӣ дар соли равон гуфт, ки ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон аз як низоми ягонаи имтиёзҳои андозию гумрукӣ истифода мебаранд.

«Субъектҳо аз аксари андозҳо озод буда, таҷҳизот ва ашёи хомро бе пардохти боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда ворид мекунанд. Ҳангоми содироти маҳсулот низ аксари маҳдудиятҳои гумрукӣ татбиқ намешаванд»,- таъкид дошт номбурда.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи амалии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки танҳо имтиёзҳо рушди истеҳсолро таъмин намекунанд. Агар имтиёзҳо ягона омили ҳалкунанда мебуданд, ҳамаи панҷ минтақа бояд натиҷаҳои яксела медоштанд. Аммо имрӯз фарқият миёни «Суғд» ва «Ишкошим» хеле назаррас аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки омилҳои дигар, яъне ҷойгиршавӣ, инфрасохтори нақлиёт, дастрасӣ ба бозорҳо, сифати идоракунӣ, таъмини нерӯи барқ ва қобилияти ҷалби сармоягузорони воқеӣ нақши асосӣ мебозанд.

Таҷрибаи МОИ «Суғд» нишон медиҳад, ки минтақаи озоди иқтисодӣ метавонад ба муҳаррики рушди саноат табдил ёбад. Афзоиши чандинкаратаи истеҳсол, тавсеаи бозорҳои содиротӣ ва зиёд шудани шумораи корхонаҳои воқеан фаъол далели равшани ин аст.

Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» низ тадриҷан ба чунин сатҳ наздик мешавад ва эҳтимол солҳои наздик рақобати ҷиддитареро бо Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ба вуҷуд орад.

Аммо барои минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ», «Кӯлоб» ва махсусан «Ишкошим» вазифаи асосӣ ҳоло таъсиси субъектҳои нав не, балки ба истеҳсол ворид намудани лоиҳаҳои мавҷуда мебошад. Инчунин, фаъол гардонидани корхонаҳои сабтиномшуда ва истифодаи пурраи имкониятҳои ҷуғрофии иқтисодӣ муҳим аст.

**Усмон РАҲИМЗОДА**



# 150 МИЛЛИОН ДОЛЛАРИ ИТАЛИЯ

## барои идомаи сохтмони «Роғун»

**Италия аз ҳисоби Фонди иқлимии худ барои идомаи сохтмони НБО-и «Роғун» 150 миллион доллар ҷудо мекунад.**

Дар ин бора намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон хабар додааст. Ба иттилои манбаъ, созишномаи ҷудо кардани ин маблағ рӯзи 23 июл дар Вазорати молияи Тоҷикистон миёни намояндагони Бонки ҷаҳонӣ ва муассисаи молии итолиёвии Cassa Depositi e Prestiti (Сандуқи пасандозҳо ва қарзҳои Италия) ба имзо расид.

Гуфта мешавад, ки тарҳи НБО-и «Роғун» аз ҷониби эътилофи иборат аз 12 шарики рушд таҳти роҳбарии Бонки ҷаҳонӣ ҳаммаблағгузорӣ ва амалӣ мешавад. Муассисаи итолиёвии Cassa Depositi e Prestiti низ яке аз шарикони ин тарҳ ба ҳисоб меравад.

Тибқи маълумоти расмӣ, то имрӯз Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ тавассути Ассотсиатсияи байналмилалии рушд (IDA) барои дастгирии лоиҳаи НБО-и «Роғун» 650 миллион доллар маблағгузории грантӣ ҷудо кардааст.



*Хуршед Раҳмонзода, директори Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Шифобахш», доктори илмҳои тиб, профессор*

# ШИФОБАХШ - МАРКАЗИ

**Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - «Шифобахш» дар тӯли шаш даҳсола аз беморхонаи ҷумҳуриявӣ ба маркази бузурги бисёрсоҳавии ташхису табобат, пойгоҳи илмӣ ва мактаби омода намудани мутахассисони баландихтисос табдил ёфтааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ ин муассиса бо истифода аз таҷҳизоти муосир, ҷорӣ намудани усулҳои нави ҷарроҳӣ, фаъолияти шабонарӯзӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ ба ҳазорон бемор ёрии тахассусӣ мерасонад. Дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваҷҷуҳи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳнамоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои таҷдиди инфрасохтор, муҷаҳҳазсозии шуъбаҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ заминаи устувор фароҳам овардааст.**

## АЗ БЕМОРХОНАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ТО МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТИББӢ

Маркази миллии тиббии Тоҷикистон - «Шифобахш» дар зарфи 60 сол ба яке аз калонтарин ва пурмаҳсултарин сохторҳои тандурустии Тоҷикистон табдил ёфта, дар ташхису табобати бемориҳои мураккаб, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва рушди илми тиб саҳми арзанда гузоштааст.

Ба муносибати 60-солагии таъсисёбии марказ конфронси илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Технологияҳои инноватсионии ташхис ва табобат дар беморхонаи бисёрсоҳавӣ» баргузор гардида буд. Ин чорабинӣ мақоми муассисаро на танҳо ҳамчун беморхонаи бузург, балки ҳамчун маркази илмӣ, таълимӣ ва табодули таҷрибаи касбӣ муаррифӣ намуд.

Вазифаи асосии марказ расонидани ёрии саривақтӣ ва баландихтисоси тиббӣ ба беморон мебошад. Ин рисолат дар ҳамбастагӣ бо шуъбаҳои махсусгардонидашуда, хадамоти ташхисӣ, озмоишгоҳҳо, бахшҳои эҳёгарӣ ва ҷарроҳӣ шабонарӯзӣ иҷро карда мешавад.

Барои бисёр сокинони мамлакат «Шифобахш» маконест, ки пас аз муроҷиат ба муассисаҳои дигар роҳи муолиҷаи бемориҳои вазнину мураккаб дар он ҷустуҷӯ мешавад. Аз ҳамин ҷост, ки марказ ҳамчун яке аз такягоҳҳои тиби ҷумҳуриявӣ ва умеди беморон эътироф гардидааст.

Дар ин ҷо мутахассисони соҳаҳои гуногун - ҷарроҳон, эҳёгарон, асабшиносон, ортопедҳо, урологҳо, табибони кӯдакона, ташхисгарон, кормандони озмоишгоҳ ва ҳамшираҳои тиббӣ дар як низоми ягона фаъолият мекунанд. Маҳз чунин ҳамоҳангӣ имкон медиҳад, ки бемор аз ташхиси аввалия то анҷоми табобат ва давраи барқароршавӣ зери назорати мутахассисон қарор дошта бошад.

## ДАСТГИРИИ ДАВЛАТ - ЗАМИНАИ ПЕШРАФТИ СОҲА

Дар замони Истиқлоли давлатӣ ҳифзи саломатии аҳолӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон табдил ёфт. Бо роҳнамоӣ ва дастгирии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат садҳо муассисаи нави тиббӣ бунёд гардида, беморхонаҳои амалкунанда таъмиру таҷдид ва ба таҷҳизоти муосир таъмин карда шуданд.

Дар суханрониҳои расмии Сарвари давлат «Шифобахш» дар қатори муассисаҳои калони тиббии бисёрсоҳавии мамлакат ном бурда шудааст, ки ҳазорон беморро ташхису табобат мекунанд. Ин таваҷҷуҳ собит месозад, ки рушди чунин муассисаҳо қисми муҳими сиёсати давлат барои дастрас намудани ёрии баландихтисос ба аҳолӣ мебошад.

Дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама дар таҷдиди инфрасохтор, ворид намудани технологияҳои муосир, беҳтар гардидани шароити фаъолияти кормандон ва васеъ шудани имкониятҳои табобати бемориҳои мураккаб инъикос меёбад.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти марказро пайваста назорат ва ҳамоҳанг менамояд. Масъалаҳои беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасонӣ, пешгирии фавт, ворид намудани усулҳои нави ташхису табобат, одоби муоширати кормандони тиб бо беморон ва бартараф намудани камбудиҳо мунтазам мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Боздидҳои роҳбарияти вазорат аз фаъолияти рӯзонаю шабонаи марказ, шиносоӣ бо корҳои таъмиру навсозӣ ва додани супоришҳои мушаххас далели таваҷҷуҳи доимӣ ба «Шифобахш» мебошанд. Ҳадаф беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои беморон ва кормандони тиб аст.

## МАРКАЗИ ФАЪОЛИЯТИ ШАБОНАРӮЗӢ

Хусусияти муҳими «Шифобахш» фаъолияти шабонарӯзии он мебошад. Беморӣ вақт интихоб намекунад ва дар ҳолатҳои таъҷилӣ ҳар сония метавонад барои наҷоти ҳаёти инсон аҳамияти ҳалкунанда дошта бошад. Аз ин рӯ, шуъбаҳои қабул, эҳёгарӣ, ҷарроҳӣ, ташхис ва дигар бахшҳои зарурӣ шабу рӯз омодаи қабули беморон мебошанд.

Кормандони марказ дар ҳолатҳои садама, осебҳои вазнин, бемориҳои шадиди ҷарроҳӣ, мушкилиҳои асаб, хунравӣ, бемориҳои кӯдакона ва дигар ҳолатҳои фаврӣ ба беморон ёрии тиббӣ мерасонанд.

Ин фаъолият аз табибону ҳамшираҳо дониш, сабру таҳаммул, масъулиятшиносӣ ва омодагии доимиро талаб мекунад. Дар паси ҳар ҷарроҳии муваффақ кори як гурӯҳ - аз корманди қабул ва ташхисгар то ҷарроҳ, анестезиолог, эҳёгар ва ҳамшираи тиббӣ қарор дорад.

## ТАШХИСИ ДАҚИҚ БО ТАҶҲИЗОТИ ЗАМОНАВӢ

Тиби муосирро бе ташхиси дақиқ тасаввур кардан имкон надорад. Имрӯз дар «Шифобахш» томографияи компютерӣ, томографияи магнитӣ-резонансӣ, рентгени рақамӣ, дастгоҳҳои лапароскопӣ, фибробронхоскоп, фиброгастроскоп, колоноскоп ва дигар таҷҳизоти муосир мавриди истифода қарор доранд.

Дар марказ 15 ҳуҷраи ташхиси ултрасадоӣ фаъолият мекунанд. Озмоишгоҳҳои замонавӣ, аз ҷумла озмоишгоҳҳои бактериологӣ ва патологоанатомӣ барои муайян намудани сабаби беморӣ, интихоби усули дурусти табобат ва назорати натиҷаи муолиҷа имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд.

Рақамҳои як соли фаъолият микёси хизматрасонии марказро равшан нишон медиҳанд. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, дар як сол 37 ҳазору 431 нафар аз ташхиси ултрасадоӣ ва 14 ҳазору 636 нафар аз муоинаҳои СБД гузаронида шудаанд.

Дар ҳамин давра ба 5 ҳазору 904 нафар электроэнсефалография гузаронида шуда, 36 ҳазору 361 нафар аз муоинаи рентгенӣ гузаштаанд. Ҳамчунин, 1 ҳазору 671 ташхиси МРТ ва 5 ҳазору 700 муоинаи эндоскопӣ анҷом дода шудааст.

Пушти ҳар рақам сарнавишти инсоне қарор дорад, ки ба ташхиси дақиқ ва муолиҷаи саривақтӣ ниёзманд аст. Аз ин рӯ, ба омӯзиши кормандон, истифодаи дурусти дастгоҳҳои нав ва риояи меъёрҳои бехатарӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Ҳадаф он аст, ки бемор дар муддати кӯтоҳ аз ташхисҳои зарурӣ гузашта, бе саргардонӣ ба шуъбаи дахлдор роҳнамоӣ гардад.

## ҶАРРОҲИҲОИ МУРАККАБ ВА УСУЛҲОИ НАВ

Яке аз самтҳои пешрафтаи фаъолияти «Шифобахш» ворид намудани усулҳои нави ҷарроҳӣ мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ табобати ҷарроҳии некрози асептикии баъдиковидии сараки устухони рон бо истифода аз туннелизатсия ва воридсозии плазмолифтинг ба роҳ монда шуд.

Барои табобати шикасти устухонҳои дарози андомҳо сиххои титании эластикӣ истифода гардида, дар 20 нафар бемор натиҷаи мусбат ба даст омадааст. Дар бахши ортопедияи кӯдакона бошад, табобати барвақтии качпоии модарзодӣ бо усули Понсети татбиқ карда мешавад.

Дар ҷарроҳии асабу сутунмуҳра гирифтани омоси минтақаи пинеалӣ, мустаҳкамкунии муҳраҳои C1-C2, амалиёти ALIF ва ҷарроҳии эндоскопии кистаи арахноидалӣ анҷом дода мешаванд. Ҳамзамон, аз соли 2024 бо дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои роҳандозии табобати ҷарроҳии бемории Паркинсон замина фароҳам омад.

Марказ бо дастгоҳи стереотаксиси Leksell, термоаблятор, барномаи SurgicalPlan, электродҳо ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин гардидааст. Кормандон дар марказҳои байналмилалии Чин, Русия ва Қазоқистон такмили ихтисос намуда, бо ҳамкорони рус чанд амалиёти деструктивӣ гузаронданд. Ҷарроҳии DBS (Deep Brain Stimulation) низ ба нақша гирифта шудааст, ки табобатро дар дохили кишвар васеъ ва сафари беморонро ба хориҷ кам мекунад.

Самти дигари муҳим ҷарроҳии патологияҳои рагҳои мағзи сар аст, ки хатари сактаи майнаро зиёд мекунад. Дар марказ амалиётҳои кушода, аз ҷумла клипсгузаронӣ ба аневризмаҳо, ҷарроҳии малформатсияҳои артерио-венозӣ, эндартерэктгмияи шоҳраг, ҷарроҳии реконструктивии ЭИКМА ва гирифтани каверномаҳо гузаронида мешаванд.

Соли охир бо дастгирии вазорат ҷарроҳиҳои эндоваскулярӣ низ ба роҳ монда шуданд: эмболизатсияи аневризма ва малформатсияҳои артерио-венозӣ, бартарафсозии фистулаи каротид-кавернозӣ, ангиографияи серебралӣ, стентгузорӣ ҳангоми тангии шоҳраг ва тромбоаспиратсия дар беморони сактаи ишемикӣ дар чор соати «тилоӣ». Бригадаи махсус шабонарӯзӣ фаъолият мекунад, то ин амалиётҳои мураккаб дар дохили кишвар дастрас бошанд.

## ПЕШРАФТ ДАР ҶАРРОҲИИ КӮДАКОНА

Дар «Шифобахш» ба ҳимояи саломатии кӯдакон ва навзодон мақоми махсус дода мешавад. Бо истифода аз дастгоҳи лапароскопӣ амалиётҳои ташхисию табобатӣ дар узвҳои ҳозима гузаронида мешаванд.

Пилоромиотомия бо усули Фреде - Рамштедт, проктопластикаи эндоректалии трансаналӣ бо усули Свенсон - Лайк дар бемории Гиршпрунг ва

# БУЗУРГИ ТАШХИСУ ТАБОБАТ

нуксони аноректалии Н-фистула аз ҷумлаи усулҳои муосире мебошанд, ки дар шуъбаҳои кӯдакона ба роҳ монда шудаанд.

Табобати остеомиелити шадиди гематогении гарданаки устухони рони кӯдакон, ки бо коксити фасодии дараҷаи дуюм ориза ёфтааст, низ яке аз самтҳои фаъолияти табибони марказ мебошад.

Дар марказ барои муайян намудани сатҳи шунавоии кӯдакон аз рӯзи таваллуд то синни шашсолагӣ усули ташхис бо дастгоҳи эмиссияи акустикӣ истифода мешавад. Ташхиси барвақт имкон медиҳад, ки камшунавоию ношунавоӣ сари вақт ошкор гардида, барномаи табобат ва тавонбахшӣ ҳарчи зудтар оғоз шавад.

Дар Тоҷикистон ҷарроҳиҳои мураккаби баркарорсозии шунавоӣ низ дар «Шифобахш» амалӣ карда мешаванд. Тибқи иттилои расмӣ, баъди чунин амалиётҳо шунавоии беморон баркарор гардида, нутқу гуфтори онҳо марҳила ба марҳила инкишоф меёбад.

Яке аз дастовардҳои нави ҷарроҳони кӯдаконаи марказ бори аввал дар Тоҷикистон гузаронидани амалиёти мураккаби нуқсони модарзодии аноректалӣ дар навзоди шашмоҳа мебошад. Ин гуна ҷарроҳиҳо сатҳи баланди донишу малака, таҷҳизоти муосир ва кори ҳамоҳанги ҷарроҳон, анестезиологҳо ва эҳёгаронро талаб мекунанд.

### ЛИТОТРИПСИЯ ВА ТАБОБАТИ БЕМОРИҲОИ УСТУХОНУ БУҒУМ

Дар марказ литотрипсияи фосилавӣ бо истифода аз ултрасадо ва рентген ба роҳ монда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои мувофиқ сангҳои узвҳои пешоб бе ҷарроҳии кушода майда карда шаванд.

Дар бахши табобати бемориҳои устухону буғум истифодаи маводи доруворӣ «Диафлекс» барои беморони гирифтори остеоартроз натиҷаҳои мусбат нишон додааст. Ҳамзамон усулҳои ҷарроҳӣ ва ғайриҷарроҳии табобати шикастҳо, иллатҳои модарзодӣ ва бемориҳои дегенеративии устухону буғум пайваста такмил дода мешаванд.

Мутахассисон ҳангоми интихоби усули табобат синну сол, вазъи умумӣ, дараҷаи иллат ва натиҷаи ташхисро ба назар мегиранд. Муносибати инфиродӣ барои кам кардани оризаҳо ва баркароршавии ҳарчи зудтари бемор мусоидат мекунад.

### ПОЙГОҲИ ИЛМ ВА ТАРБИЯИ МУТАХАССИСОН

«Шифобахш» пойгоҳи клиникии як қатор кафедраҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва муассисаҳои таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустӣ мебошад.

Ҳузури устодон, олимон, табибони таҷрибадор, ординаторон ва донишҷӯён дар як фазои клиникӣ имкон медиҳад, ки донишҳои назариявӣ бо таҷрибаи ҳаррӯзаи ташхису табобат пайваст гарданд.

Ҳамкории марказ бо кафедраҳои муассисаҳои таълимӣ танҳо бо гузаронидани машғулият маҳдуд намешавад. Кормандони муассиса ва олимони кафедраҳо дар таҳияи пешниҳодҳои ратсионализаторӣ, ихтирооти муфид, дастурамалҳои методӣ ва усулҳои нави табобат саҳм мегузоранд.

Яке аз тағйироти муҳими сохторӣ таъсиси шуъбаи илм, инноватсия ва иттилоот мебошад. Он корҳои таҳқиқотию навовариро ҳамоҳанг сохта, дастовардҳои табибонро муаррифӣ менамояд. Дар заминаи шуъба маҷаллаи илмӣ-амалии «Паёми Шифобахш» таъсис ёфта, айни ҳол фаъолият дорад.

Танҳо дар давоми 12 моҳи соли 2025 аз ҷониби кормандони марказ 186 мақолаи илмӣ ва 75 фишурдаи илмӣ ба табъ расонида шудааст. Ҳамчунин, мутахассисони муассиса 15 дастурамал ва чор монография нашр кардаанд.

Ин нишондиҳандаҳо собит менамоянд, ки фаъолияти табибон бо муолиҷаи беморон маҳдуд намешавад. Таҷрибаи клиникӣ ба маводи таҳқиқотӣ табдил ёфта, натиҷаҳои он барои такмили ташхису табобат ва омӯзиши табибони ҷавон истифода мешаванд.

Донишҷӯ ва табиби ҷавон дар назди бистари бемор на танҳо тарзи ташхисро меомӯзад, балки масъулиятшиносӣ, одоби табибӣ, муошарати дуруст бо бемор ва қабули қарор дар ҳолатҳои душворро низ аз худ мекунад.

### ТАБОДУЛИ ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Рушди тиб бидуни робитаҳои касбӣ бо муассисаҳои пешрафтаи ҷаҳон имконнопазир аст. Дар доираи ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария гурӯҳи мутахассисони соҳаҳои анестезиология, ҷарроҳӣ, нейроҷарроҳӣ, нефрология, урология ва ҳамширагӣ дар







«Шифобахш» бо ҳамтоёни тоҷик табодули таҷриба намуданд.

Бо иштироки мутахассисони Тоҷикистону Швейтсария дар шуъбаҳои ҷарроҳии навзодон, бемориҳои асаб, урология ва ҷарроҳии кӯдакона як қатор амалиётҳои мураккаб гузаронида шуданд. Ба марказ ҳамчунин таҷҳизоту лавозимоти тиббӣ тақдим гардид.

Чунин ҳамкорӣ ду натиҷаи муҳим медиҳад. Аз як тараф, беморон дар дохили мамлакат ба усулҳои муосири табобат дастрасӣ пайдо мекунанд. Аз тарафи дигар, табибони ҷавони тоҷик донишҳои навро дар муҳити воқеии клиникӣ меомӯзанд.

Мутахассисони хориҷӣ аз шароиту имконият, донишу малака ва касбияти табибони «Шифобахш» изҳори қаноатмандӣ кардаанд. Ин эътимод барои густариши шарикии байналмилалӣ ва муаррифии тиби Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

### ОБОДОНӢ - ҚИСМИ ФАРҲАНГИ ТАБОБАТ

Муҳити беморхона ба ҳолати равонии бемор ва сифати кори кормандон таъсири мустақим мерасонад. Аз ин рӯ, дар «Шифобахш» дар баробари ворид намудани таҷҳизоти тиббӣ ба ободонии масоҳати васеи муассиса низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад.

Роҳравҳои байни шуъбаҳо ва биноҳо, гулгаштҳо ва нишастгоҳҳо аз таъмири пурра бароварда шуда, мумфаршкунии тамоми пайроҳаҳо анҷом ёфтааст. Бинои рақами 11, шуъбаҳои эҳёгарии соматикӣ, ҷарроҳии кӯдакона, эҳёгарии калонсолон ва шуъбаи қабули беморони калонсол таъмири асосӣ гардидаанд. Таъмиру навсозии дигар шуъбаҳои таъмирталаб низ марҳила ба марҳила идома дорад.

### ЭЪТИМОДЕ, КИ БО ЗАҲМАТ ҲИФЗ МЕШАВАД

Дастовардҳои «Шифобахш» натиҷаи фаъолияти як нафар ё шуъба нестанд. Онҳо маҳсули заҳмати дастаҷамъонаи табибон, ҳамшираҳо, озмоишгарон, муҳандисон, устодони кафедраҳо, маъмурият ва кормандони ёрирасон мебошанд.

Ҳар ҷарроҳии муваффақ, ҳар ташхиси дақиқ ва ҳар беморе, ки ба зиндагии солим бармегардад, самараи ҳамкории ҳамин ҳайат аст.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва назорати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои рушди минбаъдаи муассиса имкониятҳои нав фароҳам меоянд.

Дар назди марказ вазифаҳои муҳим - ҳифзи эътимоди мардум, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, густариши таҳқиқоти илмӣ, омода намудани кадрҳои ҷавон, беҳтар кардани одоби муошират ва баланд бардоштани фарҳанги хизматрасонӣ қарор доранд.

Таҷрибаи 60-сола, нерӯи кадрӣ, пойгоҳи илмӣ ва технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки «Шифобахш» минбаъд низ ҳамчун маркази пешқадами тиби миллӣ хизмат намояд. Зеро меъёри асосии фаъолияти муассисаи тандурустӣ на шумораи биною дастгоҳҳо, балки ҳаёти наҷотёфта, саломатии барқароршуда ва дуои неки бемор мебошад.

**ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚИ РУСИЯ**

*Чеҳраҳое, ки миёни кишварҳо пул месозанд*

# АЗ 12 МЕТРИ МУРАББАЪ ТО ИМПЕРИЯИ ОЗУҚАВОРӢ

## Бонуи соҳибкоре, ки тиҷорати воридотиро ба истеҳсолоти бузурги ватанӣ табдил дод





### БО ЧӢ МАЪРУФ АСТ?

Каромат Назарова яке аз бонувони муваффақи соҳибкори Тоҷикистони муосир ба шумор меравад. Ӯ аз нуқтаи хурди савдо дар бозори «Панҷшанбе»-и шаҳри Хуҷанд то роҳбарии як гурӯҳи бузурги истеҳсолию фурӯш расидааст, ки зери тамғаи молии «Далерон» фаъолият мекунад. Имрӯз «Далерон» яке аз калонтарин таъминкунандагони маҳсулоти яхбаста дар Тоҷикистон мебошад. Ширкат бо беш аз 3500 нуқтаи савдо дар саросари ҷумҳурӣ ҳамкорӣ намуда, дорои низоми мустақили нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот аст. Он ба истеҳсоли гӯшти паранда, хӯроки омехтаи паранда, маргарин, спред ва дигар навъҳои маҳсулоти равғанӣ машғул мебошад.

Дастоварди асосии Каромат Назарова дар он аст, ки тавонист фаъолияти худро аз доираи воридоти одии мол берун барорад. Ӯ тиҷоратро аз ворид намудани маҳсулоти хориҷӣ оғоз карда, тадриҷан ба таъсиси силсилаи мукаммали истеҳсолӣ гузашт: аз гирифтани ҷӯҷаҳо бо усули инкубаторӣ ва истеҳсоли хӯрок то парвариш, забҳ, коркард, бастабандӣ ва расонидани маҳсулоти тайёр ба истеъмолкунанда.

Ҳамин тавр, нуқтаи савдои ҳамагӣ 12 метри мураббаъ ба гурӯҳи корхонаҳое табдил ёфт, ки имрӯз дар таъмини амнияти озуқавории кишвар саҳм мегузоранд.

### ҲАМА АЗ БОЗОРИ «ПАНҶШАНБЕ» ОҒОЗ ШУД

Таърихи соҳибкории хонаводаи Назароваҳо соли 2009 аз бозори «Панҷшанбе»-и шаҳри Хуҷанд оғоз ёфт. Он замон Каромат Назарова ҳамагӣ як нуқтаи савдои 12 метри мураббаъ дошт.

Барои соҳибкори навкор ин давраи осон набуд. Дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ рақобат шадид буд. Савдои маҳсулоти яхбаста бошад, таҷҳизоти махсус, сардхонаҳои боэътимод, таъмини доимии нерӯи барқ ва риояи қатъии ҳарорати зарурӣро талаб мекард. Аммо маҳз дар ҳамин бозор Каромат Назарова талаботи воқеӣ, завқи харидорон ва шеваҳои савдои яклухту чаканаро омӯхт. Нуқтаи хурди савдо барои ӯ ба як мактаби воқеии соҳибкорӣ табдил ёфт. Соли 2010 воридоти маҳсулоти яхбаста аз ИМА ва Туркия ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон ширкат дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон нуқтаҳои савдои яклухт таъсис дод.

Соли 2011 номгӯйи маҳсулоти ширкат бо гӯшти ҳалоли истеҳсоли Ҳиндустон ғанӣ гардид. Пас аз як сол корхона воридоти маҳсулоти яхбастаи моҳиро аз Ветнам ва Русия ба роҳ монд. Дар баъзе нашрияҳо аз ҳамкорӣ бо таъминкунандагони вилояти Мурманск - яке аз марказҳои бузурги саноати моҳидории Русия низ ёд мешавад. То соли 2013 фаъолияти ширкат шакли муназзам гирифт: шабакаи мукаммали тақсимотӣ таъсис ёфт, зерсохтори анборхо васеъ гардид ва робита бо корхонаҳои савдою истеҳсолкунандагони хориҷӣ таҳким ёфт.

### ҶУҒРОФИЁИ ҲАМКОРӢ: АЗ ИМА ТО ЗЕЛАНДИЯИ НАВ

«Далерон» бар хилофи як ширкати одии савдои яклухт аз оғоз кӯшиш намуд, ки манбаъҳои воридоти худро гуногун созад. Ин тарзи кор имкон медод, ки ширкат аз як бозор вобаста набошад ва маҳсулотро бо назардошти сифат, нарх, имкониятҳои ҳамлу нақл ва талаботи ҳалол интихоб намояд. Тибқи маълумоти худи ширкат, ҷуғрофиёи ҳамкориҳои он Русия, ИМА, Туркия, Ҳиндустон, Бразилия, Ветнам ва Зеландияи Навро фаро мегирад.

Ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ ба Каромат Назарова на танҳо имкони дастрасӣ ба маҳсулоти гуногун, балки таҷрибаи нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулоти зудвайроншавандаро низ дод. Бо ин мақсад зерсохтори мустақили сардхонаҳо таъсис ёфт. Анборхо ва воситаҳои нақлиёти ширкат бо дастгоҳҳои муосири хунуккунанда муҷаҳҳаз шуданд, ки сифати маҳсулотро аз корхона то мағоза нигоҳ медоранд.

Имрӯз маҳсулоти «Далерон» дар беш аз 3500 нуқтаи савдои саросари Тоҷикистон пешниҳод мешавад. Ин яке аз нишондиҳандаҳои асосии микёси воқеии тиҷорати Каромат Назарова аст. Зеро нуфузи ширкат на танҳо бо иқтидори истеҳсолӣ, балки бо қобилияти расонидани маҳсулот ба истеъмолкунандагони тамоми минтақаҳои кишвар низ муайян мегардад.

### АЗ ВОРИДОТ БА ИСТЕҲСОЛОТИ ХУДӢ

Муҳимтарин марҳалаи рушди тиҷорати Каромат Назарова гузариш аз фурӯши маҳсулоти воридотӣ ба истеҳсолоти доҳилӣ буд.

Тиҷорате, ки танҳо ба воридот такя мекунад, аз қурби асъор, хароҷоти нақлиёт, маҳдудиятҳои марзӣ ва вазъи бозорҳои хориҷӣ вобастагии зиёд дорад. Ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ имкон дод, ки ин хатарҳо коҳиш ёфта, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд ва қисми зиёди арзиши иловашуда дар дохили кишвар боқӣ монад. Гурӯҳи корхонаҳои Назарова ду самти асосиро рушд дод: парандапарварӣ ва истеҳсоли маҳсулоти равғанӣ.

Дар сохтори тиҷорат корхонаи истеҳсоли гӯшти паранда - ҶДММ «Назар» ва корхонаи «Субҳи Заррин» таъсис ёфтанд. «Субҳи Заррин» ба истеҳсоли маргарин, спред, омехтаҳои равғанӣ ва дигар навъҳои маҳсулот машғул аст.

Корхонаҳо бо таҷҳизоти муосир таъмин шуда, мутахассисон бо мусоидати ширикон аз Русия, Туркия ва Чин омӯзиш гирифтанд.

### 250 ҲАЗОР ПАРАНДА ВА 270 ҲАЗОР ҶӮҶА ДАР ЯК ДАВР

18-уми ноябри соли 2024 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров корхонаи нави парандапарварии ҶДММ «Назар»-ро мавриди истифода қарор дод.

Барои бунёди корхона беш аз 11 миллион сомонӣ сармоягузорӣ шуда, дар ин иншоот 50 ҷойи нави корӣ таъсис ёфт. Шумораи умумии кормандони ширкат дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз 150 нафар зиёд аст. Тибқи маълумоти расмӣ, дар корхонаи парандапарварӣ беш аз 250 ҳазор сар паранда нигоҳдорӣ мешавад. Иқтидори инкубаторӣ он имкон медиҳад, ки аз як тухмхобонӣ қариб 270 ҳазор ҷӯҷа гирифта шавад. Дар корхона истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда низ ба роҳ монда шудааст. Иқтидори он дар як соат то панҷ тонна хӯрокро ташкил медиҳад. Доштани истеҳсоли хӯроки худӣ барои парандапарварӣ аҳамияти махсус дорад. Ин омил имкон медиҳад, ки арзиши аслии маҳсулот, сифат ва суръати афзоиши паранда назорат шуда, вобастагӣ аз таъминкунандагони беруна коҳиш ёбад. ҶДММ «Назар», ки маҳсулотро зери тамғаи молии «Далерон» истеҳсол мекунад, расман яке аз калонтарин корхонаҳои вилояти Суғд номида шудааст. Он дар таъмини бозори истеъмолӣ бо гӯшти парҳезии паранда саҳми намоён дорад.

### ТАВАҶҶУҲИ РОҲБАРИЯТИ КИШВАР

Корхонаҳои Каромат Назарова борҳо ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муаррифӣ шудаанд. Моҳи феврали соли 2021 Сарвари давлат дар ифтитоҳи корхонаҳои «Субҳи Заррин» ва «Назар», ки ба истеҳсоли маргарин, равған ва гӯшти паранда машғуланд, иштирок намуд.

Моҳи ноябри соли 2024 Эмомалӣ Раҳмон корхонаи нави парандапарварии ҶДММ «Назар»-ро ифтитоҳ намуд. Президенти кишвар зимни шиносоӣ бо фаъолияти он ба саҳми занон дар рушди соҳибкорӣ ишора карда, ба роҳбарияти корхона тавсия дод, ки ҳаҷми истеҳсолотро зиёд намуда, дар таъмини фаровонии бозор саҳми бештар гузорад.

### ИСТЕҲСОЛОТ БА ҶОЙИ ВОБАСТАГӢ

Фаъолияти корхонаҳои Каромат Назарова дар заминаи таъмини истиқлоли озуқаворӣи Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад.

Солҳои пеш кишвар миқдори зиёди гӯшти паранда ва тухмро аз хориҷ ворид мекард. Тибқи маълумоти расмӣ, дар натиҷаи рушди парандапарварии ватанӣ воридоти ин маҳсулот чандин маротиба коҳиш ёфтааст.

Роҳи тайкардаи худи Каромат Назарова ин дигаргуншавии иқтисодиро равшан инъикос мекунад. Соли 2009 ӯ дар бозор маҳсулоти воридотиро мефурӯхт. Имрӯз корхонаҳои ӯ гӯшти паранда, хӯроки омехта ва маҳсулоти равғаниро истеҳсол мекунанд.

### САМТИ РУСИЯ

Русия дар ҷуғрофиёи тиҷорати «Далерон» ҷойгоҳи муҳим дорад. Ширкат солҳои зиёд бо истеҳсолкунандагони русии гӯшти паранда, моҳӣ, таҷҳизот ва технология ҳамкорӣ мекунад.

Дар баъзе нашрияҳо гуфта мешавад, ки «Далерон» тақрибан даҳ сол боз бо яке аз бузургтарин ширкатҳои агросаноатии Ставропол ҳамкорӣ дошта, даромади солонаи он ба даҳҳо миллиард рубл мерасад. Аммо номи шарик ва шартҳои қарордоди расман ошкор нашудаанд. Шариконӣ рус ҳамчунин дар омӯзиши мутахассисон ва насби таҷҳизот дар корхонаҳои ширкат саҳм гузоштаанд. Ин робитаҳо мавқеи Каромат Назароваро тақвият дода, ба ӯ имкони дастрасӣ ба бозори бузург, технология, истеҳсолкунандагон ва доираҳои тиҷоратиро медиҳанд. Каромат Назарова сиёсатмадор нест ва роҳбарии созмони ҷамъиятиеро низ ба уҳда надорад. Сармояи асосии ӯ танҳо маблағ ва корхонаҳо нест. Он низомест, ки тайи солҳои фаъолият истеҳсолот, робитаҳои байналмилалӣ, ҳамлу нақл ва ҳазорҳо шарики тиҷоратиро ба ҳам овардааст. Маҳз ҳамин низом Каромат Назароваро ба яке аз бонуфузтарин бонувони соҳибкори Тоҷикистон табдил медиҳад.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# БАРДОШТУ ТААССУРОТ АЗ ЁДДОШТУ ХОТИРОТ



*Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ, академик*

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**Шашум**. Нависанда танҳо он лаҳза, пора ва қисматҳои зиндагиашро рӯйи коғаз овардааст, ки дар ташаккул ва рушди шахсияташ корсозу муассир будаанд.

Албатта, муаллиф метавонист мисли профессор Худойназар Асозода дар китоби шашҷилдаи ёддоштии "Достони зиндагӣ" сол ба сол ва ҳатто ҷузъиёти калидии рӯзгори фардиашро дарҷ созад.

Аммо онро зарур нашуморида, танҳо он лаҳазоти муассиреро аз хилоли хотирот ёдовар шудааст, ки судманд ва муфид донистааст. Аз сӯйи дигар, муаллиф ҳаводис ва воқеаҳои гавҳарбору хассоси рӯзгори худро на дар қолаби насри хушки илмию фаннӣ, балки бо бадеиёти махсус ва дар доираи талаботи насри бадеию фалсафӣ матраҳ кардааст.

Дар бисёр мавридҳо хотироти нависанда ҷанбаи фалсафӣ, илмию фаннӣ ва тахассусиву таҳлилро мегиранд.

Масалан, вақте ки дар бораи фазову вақт ҳамчун категорияи фалсафӣ суҳбат мекунад ва ё ин ки зимни тасвироти муҳити мактабию донишгоҳӣ аз истилоҳоти сирф илмӣ ва истилоҳоти фалсафӣ кор мегирад, бемуҳобо, ин навъ тасвиргарию мавкеъгирӣ аз дидгоҳи илмию фалсафии муаллиф далолат мекунад.

Маҳз ҳамин вежагӣ, яъне аз оғоз то ба охир матраҳ кардани лаҳазоти асосию зарурии зиндагӣ бар мабнои ҷаҳонбинии илмӣ насри ёддоштии нависандаро бадеӣ ва илмию фалсафӣ қолиббандӣ кардааст.

**Ҳафтум**. Нависанда дар қиёфашиносӣ ва портретофаринӣ муваффақ аст ва мисли устод Айнӣ дар тасвири чеҳра ва симои ҳар нафаре, ки дар китобаш ҳамчун персонаж ҳунарнамоӣ намудааст, муваффақ шудааст.

Ба сухани дигар, муаллиф дар тасвири шахсият ва симои иштирокдорони драмаи зиндагӣ аз усул ва сабки тасвирофаринии устод Айнӣ ва дигар нависандагони бузурги миллию ҷаҳонӣ баҳраҳо бардошта, бидуни тақлид ёддоштҳояшро аз лиҳози адабию бадеӣ хеле зебо зинат додааст.

Масалан, дар бахши "Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро" (Қисми 1, саҳ. 265-269) бобои Абдулло ном падари рафиқи давраи наврасию ҷавониашро як навъ қиёфасозӣ мекунад: "Бобои Абдулло ё эшони Абдулло як мӯйсафеди тахминан шастсола, қадбаланд, газгӯшт буда, сару гардан ва дасту бозуи паҳлавонона дошт. Бо чашмони ориёӣ, абрӯҳои сиёҳ, гунаҳои арғувонӣ, бинии теғадор, ришу мӯйлаби кӯтоҳ ва устокорона нигоҳубиншуда аз дигар мӯйсафедҳо фарқ мекард" (Ҳамон ҷо, саҳ. 265-266). Дар баробари ин рӯҳонӣ (манзур бобои Абдулло), ки назар ба қавли нависанда, бо дасту бозу нони ҳалол меҳӯрд ва мисли соири эшону муллоҳо худнамоию риёкорию фазлфурӯшӣ намекард, Ҳошимча ном муллои деҳотӣ, ки аз ҷумлаи авомфиребону риёкорони давр маҳсуб мешудааст, мавриди тасвири физиопсихикии нависанда қарор мегирад: "Ба гурӯҳи муллоҳои деҳа бо роҳбарии Ҳошимча гуфтанӣ муллои нисбатан ҷавон, ки риши сиёҳи дарози чайбур ва чашмони алову аласи бенур дошт, сари ҳар чанд вақт бегоҳиву шом, ба хонаҳои беморон рафта, чил сангча бо худ гирифта, назди соҳиби бемор ҳисобу китоб карда, дуои чил ёсин мехонданд" (Ҳамон ҷо, саҳ. 267). Ба ин маъно, нависанда на танҳо дар тасвиркорӣ, балки дар қиёфашиносӣ ва қиёфаороӣ ҳам маҳорати баланди эҷодӣ ба намоиш гузоштааст.

**Ҳаштум**. Ногуфта намонад, ки нависанда бархӯрди ду навъи андешаву мафкурaро дар симои муаллими мусиқии деҳотӣ Рустам Мирзоев ва рӯҳонии музофотӣ мулло Холмурод хеле хуб тасвир мекунад. Аз нигоштаи лаҳазоти бархӯрди ду навъи мафкураи ба ҳам зид хулоса баровардан мумкин аст, ки муаллими замони шуравӣ (дар мисоли Рустам Мирзоев) алайҳи ҳар гуна афкори ғаразноку машкук аз тариқи ҷуръату ҷасорати рӯҳиву ҷисмонӣ мубориза мебурд (Ҳамон ҷо, саҳ. 321). Ин гуна мавкеъгирии ба истилоҳ, муаллими замон, зиёии давр дар кулли ёддоштҳои муаллиф бо овардани далоили мӯътамади илмию таърихӣ ба назар мерасад ва дар маҷмӯъ, дидгоҳи илмии нависандаро ба намоиш мегузорад.

Афзун бар ин, нависанда назарияи мусиқиро ба сифати илми ангезабахш, таккондиҳандаи эҳсосот ва меъёри зебошиносии инсонӣ донистa, ба воситаи шахсияти муаллими мусиқии музофотӣ зарурати онро дар зиндагӣ таъкид мекунад. Ин аст, ки дар бахши "Мутриби хушнаво бигӯ, тоза ба тоза, нав ба нав" (Ҳамон ҷо, саҳ. 305-316) бо баёни матолибе аз саргузашти муаллими фанни суруд ва мусиқии мактаби деҳотӣ Рустам Мирзоев, ки таҳсилкардаи Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе будааст, муаллиф доир ба вазъи мусиқӣ дар муҳити деҳоту музофоти ҷумҳурӣ сухан ба миён меоварад. Бо такя ба мантиқи ҳикматомӯзи муаллим, масоили марбут ба ин ҳунари дилангез рӯзгори одамиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ҳамчунон, нукоти ҷолиб ва омӯзандаи тахассусӣ ҳам ироа мефармояд.

Нависанда дар тасвири ҳолати рубобнавозӣ ва навозиши ин марди ҳунар, ки дар ҷодаи тарбияи мусиқии насли наврасу ҷавони деҳотӣ умр фарсудааст, монанди як тахассусманди ҳирфаӣ ҷилва кардааст (ногуфта намонад, ки нависанда С. Ятимов дар гурӯҳи худфаъолиятии мактаби деҳот фаъол буда, дар навохтани созҳои миллӣ ва фароммиллӣ дасти тамом доштааст. Ин нуктро аз бахшҳои марбутаи қисмати якуми "Ёддоштҳо" метавон дарёфт). Масалан, нависанда санъати навозандагии муаллими мусиқии деҳотӣ Мирзоевро дар созии рубоб хеле зебо ва коршиносона тасвир мекунад: "Ноҳунҳои ӯ гоҳо дар боло, гоҳо дар пойин ва гоҳо дар нимаи дастаи рубоб заҳмат мекашиданд. Ба навбат торҳои асбоби сеҳрангезро зер мекарданд..." (Ҳамон ҷо, саҳ. 308).

Дигар ин ки муаллиф фазои тадриси мусиқиро дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии музофотӣ дар пайванд бо усули рӯзгори эҷодии муаллими фанни мусиқӣ Мирзоев, ки шефтаи касбу ҳирфааш будааст, арзёбӣ карда, менависад: "Дар солҳои мактабхонӣ, дар маҳфилҳое, ки Рустам Мирзоев доир мекард, кӯшиш менамуд нишон диҳад, ки муҳимтарин дарси мактаб мусиқӣ аст. Меҳост моро бовар кунонад, ки таърихи маънавиёт ва зебоипарастии одамӣ аз мусиқӣ оғоз шудааст" (Ҳамон ҷо, саҳ. 309).

Аз забони ин марди саропо ҳунар нависанда муҳокимаронииҳои фалсафиро дар заминаи мусиқӣ ҳамчун падидаи фавқулодаи иҷтимоӣ матраҳ карда, хулосабандиҳои муаллими музофотиро дар бастагӣ бо ҷаҳоншиносии фалсафӣ ироа медорад, ки хеле бамавкеъ ва омӯзандаанд. Таваҷҷуҳ мекунем: "Мирзоев боифтихор мегуфт, мусиқӣ ягона падидаест, ки барои кулли мардуми дунё фаҳмост. Ниёз ба тарҷума надорад. Муътақид буд, ки ҳатто сухан гоҳо ба мусиқӣ ниёз дорад. Мусиқӣ бошад, баръакс, ба ягон зуҳуроти олам эҳтиёҷманд нест" (Ҳамон ҷо, саҳ. 310).

Бо овардани намунаҳое аз зиндагии эҷодии омӯзгори фанни суруд ва мусиқии деҳотӣ Рустам Мирзоев, нависанда сатҳи завқи бадеӣ - эстетикии хонандагони маҳаллӣ ва мутаносибан рӯҳияи озодандешии мардуми деҳотро, ки бо мусиқӣ ва ҳунари навозандагию ромишгарию овозхонӣ тавъам будааст, пешкаши ҳамагон мегардонад. Ҳамчун намунаи ҳаёти дунявӣ барои имрӯзу фардо ба намоиш мегузорад. Маслиҳат ва тавсия медиҳад. Яке аз осонтарин роҳҳои аз ҷаҳолат фосила гирифтанро нишон доданӣ мешавад. Меҳоҳад оммаро бо чунин мусоҳибаи деринаи озмуда аз кинадории хурофотии хатарноки имрӯза раҳо бахшад.

**Нуҳум**. Тавре болотар зикр шуд, муаллиф ҳар давра ва марҳалаи муҳими зиндагии худро ба унвони як мактаби муҳими таҷрибаандӯзӣ ва худсозӣ баррасӣ кардааст. Шаклгирии шахсияташро ба муҳиту фазои хонаводагӣ, мактабӣ, донишгоҳӣ, аскарӣ ва таҷрибаандӯзии ихтисосӣ марбут медонад.

Масалан, ҳини тасвири лаҳазоти ҳассоси хидмати низомӣ дар артиши шуравӣ дар Латвия, аз лейтенанти калон Брюханович, ки масъулияти умури сиёсию тарбиявии қисми ҳарбиро бар уҳда доштааст, ёдовар шуда, бар он ишора мефармояд, ки нахустин маротиба аз ин масъули низомӣ тафсири истилоҳи манофеи миллӣ ва мушаххасоти онро омӯхтааст: "Аввалин бор шарҳи "манфиатҳои миллӣ"-ро ман аз Брюханович шунида будам. Ӯ дар чандин машғулияти сиёсии худ мегуфт, муҳокимаронӣ ва тафсир мекард, мефаҳмонд: ҳангоме ки мо дар бораи манфиатҳои миллӣ сухан мегӯем, медонем, ин истилоҳ ифодаи хулосавӣ мебошад. Ба ақидаи ӯ, ибораи мазкур аз лиҳози мантиқӣ барандаи шаш қисми таркибӣ аст:

1. Ҳимояи марзу буми Ватан.

2. Таъмини осудагии ҷомеа.

3. Рӯ ба тараққӣ ниҳодани сатҳи иқтисоду илму техника, мунтазам баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии мамлакат.

4. Дар сатҳи баланд нигоҳ доштани сифати таълиму тарбия, мактабу маориф ҳамчун муассисаҳои бунёдии ҷомеа.

5. Ҳифзи сохти давлатдорӣ ва суботи мамлакат.

6. Роҳ надодан ба ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти бегона (Ҳамон ҷо, саҳ. 574-575).

Даҳум. Нависанда чун дар муҳити мусоиди хонаводагӣ, фазои ҷиддии тарбиятӣ, мазраи меҳнатдӯстию заҳматкаринӣ, доираи хуби таҳсилотӣ ва билохира, шароити сахткӯшию талошварзӣ камол ёфтааст, аз ҳамон ибтидои кор ба давлату сиёсати давлатӣ эҳтиром қоил буда, тамоми умр кӯшидааст, ки дар ҳар вазъу ҳолате бар асоси ақлу мантиқи зиндаи инсонӣ, ҳадафгирии илмӣ, мавкеияти давлатӣ ва дарназардошти манофеи миллӣ тасмим бигирад ва ҳифзу нигаҳдошти давлату миллатро дар авлавияти умури сиёсию идорӣ, иҷтимоию маданӣ ва илмию мантиқӣ қарор бидиҳад.

Афзун бар ин, нависанда бемасъулиятию саҳлангариро дар кору умури давлатӣ хатари ҷиддӣ ба оянда ва дурнамои давлату миллат дониста, дар бахши ахири "Раҳи растагорӣ ҳамин асту бас" (Ҳамон ҷо, саҳ. 633-641)-и қисмати якуми китоби "Ёддоштҳо" аз манзалати як давлатмеҳвар чунин натиҷагирӣ ваояндабинии илмӣ мекунад: "Ҳар замоне давлат бо саҳлангорӣ ва оянда-бинии бемасъулиятона иҷозат бидиҳад, маърифати шаҳрвандон берун аз принсипҳои сохти давлатдорӣ, ахлоқ, маънавиёт, манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ самтгирӣ кунад, шикаст меҳӯрад. Пора-пора мегардад. Нобуд мешавад" (Ҳамон ҷо, саҳ. 635).

Ин гуна натиҷагирӣ ваояндабинии илмӣ, ки самараи сахткӯшиҳои шабонарӯзӣ, талошҳои мудавоми илмию ихтисосӣ, мутолеоти якумрӣ ва таҷрибаи тӯлонии раҳбарии нависанда мебошанд, хушдори ҷиддии ихтисосианд ба қишрҳои хидматчиёни давлатӣ, ҳарбию низомиву ҳуқуқӣ ва дастандаркорону масъулони сохторҳои сиёсию мафкуравӣ дар ростои роҳ надодан ба саҳлангорию фориғболӣ дар умури давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити номусоиди бархӯрдҳо ва муборизаҳои шадиди сиёсию тамаддунӣ.

Бинобар ин, аз таҷриба, дидгоҳ, мавкеъ ва нуктаназари санҷидашудаи ихтисосӣ ваояндабинии илмии нависанда ҳадафмандона корбаст бояд кард ва дар роҳи таҳкими пояҳои давлатдорӣ, тақвияти хотираи таърихӣ, ҷиддияти таълиму тарбияи ҳамагонӣ, устуворӣи арзишҳои миллию дунявӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ ва нигаҳдошти манфиатҳои миллӣ гомҳои устувор бардошт.

**(Давом дорад)**

# ШАМОЛКАШӢ ВА ДАРДИ ГУЛӮ

## Чаро бемориҳои «зимистона» дар гармӣ ҳам пайдо мешаванд?



**Аксари одамон зуком, шамолкашӣ ва дарди гулӯро бемориҳои фасли сармо меҳисобанд. Аммо таҷрибаи табибон нишон медиҳад, ки дар гармтарин рӯзҳои тобистон низ шумораи беморони гирифтори дарди гулӯ ва тонзиллит (илтиҳоби бодомакҳои гулӯ) кам нест. Сабаби асосии ин ҳолат истифодаи нодурусти ҳавосардкунакҳо (кондитсионерҳо), нӯшидани обу нӯшокиҳои аз ҳад зиёд хунук ва тағйирёбии ногаҳонии ҳарорат мебошад.**

Вақте инсон аз гармии шадид ба утоқи хеле сард медарояд ё пайиҳам оби яхнӯш менӯшад, луобпардаи гулӯ осебпазир мегардад. Дар чунин ҳолат қобилияти муҳофизатии организм коҳиш ёфта, микробҳо ва вирусҳо осонтар фаъол мешаванд. Дар натиҷа гулӯ дард карда, фурӯ бурдани ғизо душвор мегардад, ҳарорати бадан баланд мешавад ва шахс худро бемадор эҳсос мекунад. Тонзиллит дар назари аввал бемории оддӣ менамояд, вале беэътиноӣ ба он метавонад паёмадҳои ҷиддӣ дошта бошад. Агар сироят сари вақт табобат нашавад, он метавонад ба дигар узвҳои бадан низ таъсир расонад. Табибон хушдор медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо тонзиллити табобатнашуда боиси илтиҳоби мушакҳои дил (миокардит), осеби гурдаҳо (гломерулонефрит) ва бемориҳои буғумҳо мегардад.

Аз ҳамин сабаб, бо пайдо шудани нишонаҳои аввалини дарди гулӯ худтабобаткуниро оғоз накунед. Истеъмоли худсаронаи антибиотик ё дигар доруҳо на танҳо фоида намеорад, балки метавонад ташхис ва табобати дурустро мушкил созад. Танҳо духтур метавонад сабаби бемориро муайян карда, табобати мувофиқро таъин намояд. Ҳангоми беморӣ инчунин бояд аз хӯрдани ғизоҳои бисёр гарм, бисёр хунук, тунд ва дигар махсулоте, ки луобпардаи илтиҳобшудаи гулӯро озурда месозанд, худдорӣ кард. Нӯшидани моеъҳои гарм, истироҳати кофӣ ва риояи тавсияҳои духтур ба зудтар шифо ёфтан мусоидат мекунанд. Барои пешгирии шамолкашӣ дар фасли тобистон ҳарорати кондитсионерро хеле паст нагузоред, аз истодани тӯлонӣ дар зери ҷараёни ҳавои сард худдорӣ намоед ва баъди аз офтоби сӯзон ворид шудан фавран оби яхнӯш нанӯшед. Риояи ҳамин қоидаҳои оддӣ метавонад шуморо аз бемориҳое ҳифз кунад, ки бисёриҳо онҳоро танҳо ба фасли зимистон мансуб медонанд.

Тобистон фасли истироҳат аст, аммо нигоҳубини саломатӣ дар ин фасл низ бояд дар мадди аввал бошад. Бо эҳтиёткорӣ нисбат ба тағйирёбии ҳарорат ва муроҷиати саривақтӣ ба духтур метавон аз пайдоиши оризаҳои ҷиддӣ пешгирӣ кард.



# 5 ҒИЗОИ СОЛИМ БАРОИ МАЙНАИ САР

**Майнаи сари инсон яке аз фаъолтарин узвҳои бадан ба шумор меравад. Бо вуҷуди он ки ҳамагӣ тақрибан ду фоизи вазни баданро ташкил медиҳад, барои фаъолияти муътадили худ 20-30 фоизи нерӯеро, ки организм истеҳсол мекунад, истифода мебарад. Агар майна ба миқдори кофӣ моддаҳои ғизоӣ ва об нагирад, инсон зуд хаста мешавад, диққаташ парешон мегардад, қобилияти дар хотир нигоҳ доштани маълумот коҳиш мeёбад ва самаранокии кор паст мешавад.**

Мутахассисони соҳаи ғизо тавсия медиҳанд, ки барои фаъолияти хуби майна ва пешгирии норасоии микроэлементҳои зарурӣ панҷ намуди махсулотро мунтазам истеъмол намоем.

**Кабудиҳо.** Сабзавоти баргдор, аз қабили исфаноч, шибит, чаъфарӣ ва дигар кабудиҳо аз лютеин бой мебошанд. Ин микроэлемент на танҳо барои саломатии чашм муҳим аст, балки ба коркарди дурусти маълумот аз ҷониби майна низ мусоидат мекунад. Норасоии лютеин метавонад боиси зуд хаста шудани чашм ва коҳиши қобилияти тамаркуз гардад.

**Тухм.** Зардии тухм манбаи хуби витамини B4 (холин) мебошад. Ин витамин дар ташаккули ҳуҷайраҳои асаб, беҳтар шудани хотира ва тақвияти диққат нақши муҳим дорад. Илова бар ин, холин ба фаъолияти дурусти системаи асаб мусоидат намуда, дар паст кардани хавфи баъзе мушкилоти равонӣ низ саҳм мегузорад.

**Бодом.** Бодом дорои миқдори зиёди витамини Е мебошад. Ин витамин ҳуҷайраҳои асаброро аз таъсири омилҳои зараровар муҳофизат карда, ба фаъолияти муътадили майна мусоидат мекунад. Истеъмоли муътадили бодом метавонад барои нигоҳ доштани қобилияти фикрронӣ ва хотира муфид бошад.

**Моҳии равғанин.** Навъҳои гуногуни озодмоҳӣ, аз ҷумла лосос аз кислотаҳои равғании Омега-3 ва Омега-6 бой мебошанд. Ин моддаҳо барои фаъолияти ҳуҷайраҳои майна зарур буда, ба барқароршавии бофтаҳои асаб мусоидат мекунанд ва метавонанд раванди пиршавии системаи асабро суст намоянд.

**Оби нӯшокӣ.** Қисми зиёди майнаи сар аз об иборат аст. Ҳатто каме беоб шудани организм метавонад ба фаъолияти майна таъсири манфӣ расонад. Дар чунин ҳолат инсон зуд хаста мешавад, диққаташ коҳиш мeёбад ва кайфияташ бад мегардад. Аз ин рӯ, мутахассисон тавсия медиҳанд, ки дар давоми рӯз мунтазам об нӯшанд ва ташнагиро мунтазир нашаванд.

Ғизои солим ва мутавозин яке аз шартҳои асосии нигоҳ доштани фаъолияти хуби майна мебошад. Бо ворид намудани ин махсулот ба ғизои ҳаррӯза ва риояи тарзи ҳаёти солим метавон хотираи хуб, қобилияти тамаркуз ва фаъолияти баланди зеҳниро барои солҳои дароз ҳифз кард.

## Толеънома



***Ҳамал***
*21.03 - 20.04*

Ин ҳафта барои шумо давраи имкониятҳои нав ва пешрафт хоҳад буд. Дар оғози ҳафта бо шахси ҷолибу ғайриоддӣ вохӯрданатон мумкин аст. Сешанбе эҳсосотро зери назорат гиред ва ба ҳама чиз аз диди манфӣ нигоҳ накунед.



***Саратон***
*22.06 - 23.07*

Агар шарики зиндагӣ саволҳои ногаҳонӣ диҳад, ростқавл бошед, самимият муносибатҳоро мустаҳкам мекунад. Чоршанбе қувваи худро беҳуда сарф накунед, пас аз фаъолият эҳтимоли хастагӣ вуҷуд дорад. Панҷшанбе аз вақтгузаронии хатарнок дурӣ ҷӯед.



***Мизон***
*25.09 - 22.10*

Душанбе саломатиро эҳтиёт карда, аз шамолкашӣ худро муҳофизат намоед. Сешанбе имконияти беҳтар кардани вазъи молиявӣ пайдо мешавад. Чоршанбе барои соҳибкорон ва бастани шартномаҳо рӯзи бисёр муваффақ аст.



***Ҷаддӣ***
*22.12 - 20.11*

Ҳафта бо нерӯи мусбат оғоз ёфта, шуморо ба тағйироти муҳим ҳидоят мекунад. Сешанбе суҳбати самимӣ бо шахси дӯстдошта барои беҳтар шудани муносибатҳо мусоид хоҳад буд. Чоршанбе аз қарорҳои шитобкорона, махсусан дар масъалаҳои молиявӣ худдорӣ намоед.



***Савр***
*21.04 - 21.05*

Сешанбе шартномаҳо ва ҳуҷҷатҳои қаблиро аз нав бодиққат аз назар гузаронед. Чоршанбе барои сайругашт, варзиш ва сафарҳои кӯтоҳ рӯзи хуб буда, имкони фоидаи молиявӣ низ вуҷуд дорад.



***Асад***
*23.07 - 22.08*

Аввали ҳафта барои иваз кардани ҷойи кор ё муроҷиат ба идораҳои давлатӣ вақти муносиб нест. Сешанбе ба асабоният роҳ надода, каме истироҳат намоед. Чоршанбе бештар ба корҳои хона ва оила машғул шавед.



***Ақраб***
*23.10 - 22.11*

Аввали ҳафта эҳтимол корҳоятон дар хона зиёд мешаванд ва ҳатто меҳмонони ногаҳонӣ меоянд. Сешанбе бо шахси дӯстдоштаи нақшаҳои ояндаро муҳокима кунед. Чоршанбе ташаббуси аз ҳад зиёд нишон надиҳед, дигарон шояд онро қадр накунанд.



***Далв***
*21.01 - 19.02*

Барои муҷаррадон оғози ҳафта метавонад бо шиносоии сарнавиштсоз оғоз шавад. Сешанбе нақшаи равшани корҳоро тартиб диҳед, зеро эҳсоси хастагӣ аз маълумоти зиёд мумкин аст. Чоршанбе масъалаҳои хонаводагӣ ва карзҳо диққати шуморо талаб мекунанд.



***Ҷавзо***
*22.05 - 21.06*

Душанбе ҳатман сари вақт ба кор ҳозир шавед, ҳатто таъхири кӯтоҳ метавонад мушкил эҷод кунад. Сешанбе барои иқдоми ҷасурона, аз ҷумла изҳори эҳсосот рӯзи мусоид аст. Чоршанбе аз баҳс бо шахсони ношинос худдорӣ намоед.



***Сунбула***
*23.08 - 22.09*

Душанбе бо мардум бо мулоимӣ ва эҳтиром муносибат кунед, то душман пайдо накунед. Сешанбе беҳтараш корҳои худро оромона таҳлил намуда, нақшаҳои нав созед. Чоршанбе худро барои хатоҳои майда сарзаниш накунед.



***Қавс***
*25.11 - 21.12*

Душанбе барои тарҳрезии нақшаҳои бузург ва ҳадафҳои оянда рӯзи хуб аст. Сешанбе сарфакориро фаромӯш накунед, пасандози хурд ҳам дар оянда фоидаи калон меорад. Чоршанбе дар кор эҳтимоли нофаҳмиҳо бо ҳамкорон ҳаст.



***Ҳут***
*20.02 - 20.03*

Сешанбе ба фикри дигарон аз ҳад зиёд вобаста нашавед ва ба қобилияти худ бовар кунед. Чоршанбе барои расидан ба ҳадаф лозим меояд тарки одат намоед. Панҷшанбе дар оила нақши роҳбариро ба уҳда мегиред ва қарорҳои муҳим қабул мекунед.

# *Кишвари амн*

*Дар кишвари мо кафолати инсон аст,*
*Озодии фикру сухану виҷдон аст.*

*Воло зи ҳама арзишу ҳаққи ҳама кас,*
*Амнияту сулҳу ҳурмати паймон аст.*

*Сарвар, ки бишуд кафили қадри ҳар фард,*
*Беҳбуди ҳаёт ҳиммати султон аст.*

*Фарҳанги ниё бигашта эҳё аз нав*
*Ташвиқи ҳунар, рушди фану ирфон аст.*

*Дорем забони миллию поси русум,*
*Ақлу хираду лутфу фару эҳсон аст.*

*Фахрем зи ҳувияти миллӣ барҳақ,*
*Шаъну шарафу зиндагии шоён аст.*

*Аз тиббу риёзӣ як тамаддун дорем,*
*Аз илми нуҷуми мо ҷаҳон ҳайрон аст.*

*Иршоди ҳаёт беҳ шуда, беш зи пеш,*
*Аз меҳнату ранҷ ризқ садчандон аст.*

*Мерос зи аҷдоди Аҷам илм бувад,*
*Фарҳанги башар зи фазли Ориён аст.*

*Шаъну шарафи кас шуда беҳин арзиш,*
*Ҳар кас, ки биёмухт, варо имкон аст.*

*Ҳар шаҳри Ватан маркази илму фарҳанг,*
*Меҳмон ҳама хуш, хуштар аз ӯ мизбон аст.*

*Кишвар ҳама бӯстони ободию рушд,*
*Ҳар хона ба хони неъмати алвон аст.*

*Тавъам шуда ҳизбу дину ҳам миллату халқ,*
*Ин дӯстӣ аз тахти дилу аз ҷон аст.*

*Эълон шуда даҳсолаи таҳкими сулҳ,*
*Иқдом чунин бузург аз шоҳон аст.*

*Фарҳанги ҳуқуқ қадри абнои башар,*
*Фардои Ватан мунаввар аз алъон аст.*

*Нафъи ҳама шахс қадри назму қонун,*
*Имкон ба ҳама посухи ҳар армон аст.*

*Сарсабзии ҳар ҷавоне аз истиқлол,*
*Эмин ҳама кас зи амни ин даврон аст.*

*Бин, шаҳри Душанбе ҳама гул-гул бишукуфт,*
*Дар сайр ҳама ба боғу дар бустон аст.*

*Беҳин шуда вазъи аҳли пирони хирад,*
*Шодию нишоти тифлакон чандон аст.*

*Дар ҳифзи Ватан саъйи Ниҳонист зи сидқ,*
*Чун ҳифзи Ватан қарзи абармардон аст.*



**Ниҳонӣ**

# *Хурдяшти Эрон*

*Аз ту зиё шуд интишор*
*Бар паҳнаи дунёи тор.*
*Митрои ту аввалтарин*
*Буд Равшанипарвардигор.*
*Се рукни некиро бикард*
*Зардушти ту зарриншиор.*
*Эрони хуршедии ман,*
*Эрони хуршедии ман!*

*Ҳар санги ту авранги мост,*
*Ҳар гулшанат Аржанги мост.*
*Алъон дирафши Ковиён*
*Барҷой андар чанги мост.*
*Он Бесутунат шаҳсутун*
*Дар кӯшки фарҳанги мост.*
*Эрони Ҷамшедии ман,*
*Эрони Ҷамшедии ман!*

*Инсон ба инсон меҳрбон*
*Созӣ зи юмни Меҳргон.*
*Бо шуълаи нори Сада*
*Сӯзӣ буни кин дар ҷаҳон.*
*Аз қаъри таърих омада,*
*Раҳ тай занӣ бар ҷовидон.*
*Эрони Наврӯзии ман,*
*Эрони Наврӯзии ман!*

*Ҳам паҳлавон халқат бувад,*
*Ҳам қаҳрамон халқат бувад,*
*Аз давр то давре зибас*
*«Шаҳнома»-хон халқат*
*бувад.*
*Ҳар он ба ҳифзи хоки ту*
*Омодаҷон халқат бувад.*
*Эрони Фирдавсии ман,*
*Эрони Фирдавсии ман!*

*Ҳамчун Суруш ово бикун,*
*Расми Куруш эҳё бикун.*
*Ин олами беадлу дод*
*Бо адлу дод оро бикун.*
*Аз по наафту бар аду*
*Дастат ҳаме боло бикун.*
*Эрони Бумуслими ман,*
*Эрони Бумуслими ман!*

*Дарду ғами мо беш-беш,*
*Ҷону дили мо реш-реш,*
*Бар пеш ту раҳ ҷӯ кунун*
*Бо ёди нусратҳои пеш.*
*Овар шарионро ба танг*
*Дар тангаи Хурмузди хеш!*
*Эрони нотаслими ман,*
*Эрони нотаслими ман!*



**Салими Зарафшонфар**

# *Дар сӯги кӯдакони дабистони миноб*

*Заминро мебинолонам, шуморо ёд меорам,*
*Фалакро мебигирёнам, шуморо ёд меорам.*
*Даруни кӯраи сина, ки тасфон з-оташи ғамхост,*
*Диламро мегудозонам, шуморо ёд меорам.*
*Ба лаб ҳарфи мураббиҳоятон шуд мунҷамид, ҳарфе*
*Чу бар лаб мебигардонам, шуморо ёд меорам.*
*Қалам дар даст нақши нотамоме мондаву рафтед,*
*Қалам бар сафҳа меронам, шуморо ёд меорам.*
*На фурсат буд кофӣ, к-аз кутуб дониш биандӯзед,*
*Китоберо ҳамехонам, шуморо ёд меорам.*
*Ба хоку хун бихобида, рабудастед хоби ман,*
*Ба болиш сар намемонам, шуморо ёд меорам.*
*Дареғо, дар баҳои ҷони худ эдунатон зинда*
*Бигардондан наметонам, шуморо ёд меорам.*
*Ба кӯчакгӯрҳои ғуссаафзотон валекин ҷон*
*Зи дурӣ мебарафшонам, шуморо ёд меорам.*
*Чи созам? Коваро бо Аждаҳои зулму истисмор*
*Хаёлан мебиҷангонам, шуморо ёд меорам.*
*Чу норинҷак ба кӯйи ҷангҷӯён ашки сӯзонам*
*Ҳавоӣ мефиристонам, шуморо ёд меорам.*



## МАВЛУДНОМА

### 30 ИЮЛ

**Андрей Абдувалиев** (1966), 60-солагии зодрӯзи варзишгар, чемпиони ҷаҳон ва Олимпӣ оид ба гурзпартой.

**Фирӯза Амонова** (1951-2001), 75-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Усмон Олим** (1936-2025), 90-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 31 ИЮЛ

**Гесу (Гулаҳмадов Абдулазиз)** (1956), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Ҳабибулло Ғанизода** (1936), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Юрий Малтсев** (1936), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Анвар Мирҳакими Олим** (1956-2020), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

### 1 АВГУСТ

**Ҷобулқо Додалишоев** (1936-2001), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Рустам Зубайдов** (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Акбаршо Искандаров** (1951), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Исматулло Нусратуллоев** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

### 2 АВГУСТ

**Бӯрӣ Кимсанов** (1941-2005), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон.

**Ҷаббор Раҷабов** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Анвар Тӯраев** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Акбарҷон Холиқов** (1936-2008), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

### 3 АВГУСТ

**Акбар Бобохоҷаев** (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

**Имомназари Ҳақназар** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

### 4 АВГУСТ

**Оиша Абдулазизова** (Ҳаётова) (1921-2013), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Умар Умаров** (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Шоҳмаҳмад Розиқов** (1961), 65-солагии профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

### 5 АВГУСТ

**Исо Ғулом** (1936), 90-солагии зодрӯзи шоир.

**Собири Шоҳонӣ Зикирзода** (1931-2004), 95-солагии зодрӯзи шоир.

**Неъматбой Ниёзов** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

**ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
(+992) **93 111 08 87**

## МЕФУРӮШАМ

### ҲАВЛӢ

Ҳавлии фурӯшӣ, 4 дар хона, 4 сот. замин, тамоми шароитҳояш дар даруни хона, ошхонаи алоҳида (нимсохт), ноҳияи Варзоб, пос. Девдара 23, назди мактаб. Тел.: 90-483-90-00

### ИҶОРАИ ШАБОНАРӮЗӢ

1 ҳуҷра дар 3-ҳуҷрагӣ, бо соҳибхона, ба як нафар иҷора медиҳам, назди Театри ҷавонон. Тел.: 938-984-238

### ИҶОРА МЕДИҲАМ

3-ҳуҷрагӣ, люкс, бо соҳибхона, танҳо ба духтарон, Садбарг. Тел.: 178-17-50-50

### КОР МЕҶӮЯМ

Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучини хона ва хизматгор барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

### ТАЪМИРИ ТЕХНИКАИ РӮЗГОР

Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

### МЕХАРАМ

Молу либосҳои истифодашуда, зарфҳо, гарнитурҳои хобро мехарам. Тел.: 908-06-60-00

Зарфҳо, пардаҳо, курпаҳо, курпача, қолинҳо, палосҳо, курпаи тунук (одеяло), китобҳо, телевизорҳои борик, расморвоҳо, флягҳо, кастрюлҳо, кондиционерҳоро мехарам. Тел.: 903-30-83-07, 987-60-50-47, 979-14-66-22, 07-814-56-65

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздузӣ, қолинҳо, кондиционерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондиционерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти давраи шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳан, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шиносномаи техникӣ ба номи Рузиев Бозор, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, Борбад, пос. Табачный 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи ивазкунӣ аз 30.12.1999, дар реестри №9Д-1076 ба номи Гафаров Абдулазиз Абдуллофизович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 120, ҳ. 16, ки дар Нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии ноҳияи Октябрский ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома оид ба бақайдгирии давлатӣ, №139578, аз санаи 08.04.2025, ба номи Ҳамидова Тахмина Тагаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Конститутсия 2, хонаи 30, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Мусоева Хуршеда Муҳаммадсадиковна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Н. Туғрал 28, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дастгоҳи ҳисоббаробаркунии (Кассовый аппарат) Микро 105Ф 171795, ба номи ҶСП "Нақлиётгаз", РМА: 040002820, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот тахти феҳрасти рақами 9-9640 аз 25.08.2025, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Самадов Бобоҷон тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 8, №073430, ба номи Одинаев Ғафур Абдураҳмонович, ки соли 1986 аз ҷониби МТМУ №73-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети ҳарбӣ, ҶТ №0085518, аз 11.04.2023, ки аз тарафи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино ба номи Шарипов Умедҷон Ҳалимович дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва манзилнома, №018516, аз 30.10.2009, ба номи Бахронов Раҳмонҷон, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ғафуров 34/1, ҳ. 15, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳрасти рақами 9Д-243 аз санаи 23.03.2001, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба номи Негматова Зулфия Фахридиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 92, квартираи 35 ба расмият даровварда шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Хасанов Иброҳим Саидмуминович, РМА: 037444142, ки аз Нозироти андоз дар н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ФАВРАН! ҶЕВОНҲО, МИЗУ КУРСИҲО, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЯХДОН, КОНДИТСИОНЕРҲО.**
**ТЕЛ. 909-99-17-40, 985-15-31-19, 985-71-28-99, 008-33-32-94**

**ФАВРАН! ҶЕВОНҲО, МИЗУ КУРСИҲО, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЯХДОНҲО, КОНДИТСИОНЕРҲО.**
**ТЕЛ. 909-99-17-40, 985-15-31-19, 985-71-28-99, 008-33-32-94**

Дафтари ҳавлӣ ба номи Аслидинова Рухсора Раъёевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Ҳ. Шерозӣ, хонаи 16/2, ҳ. 54, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ДТА №0085476, рақами қайд №59, ба номи Шарипова Азиза Нуратуллоевна, ки соли 2014 аз Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумова дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти феҳрасти рақами 6Д-1073, аз санаи 22.04.1993, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Ибрагимова Диллхо Мирзоумаровна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 57, квартираи 63 ба расмият даровварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи бакалаври 107705 0122638, рақами қайд №9673, ба номи Рахматов Бузургмехр Кенджабоевич, ки санаи 25.06.2021 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи сахмгузорӣ дар сохтмон тахти феҳрасти рақами 2Ш-1194 аз санаи 16.09.2020, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни ҶДММ "Симо 87" ва ҶДММ "Биносоз 2015" тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи сахмгузорӣ дар сохтмон тахти феҳрасти рақами 2Ш-1241 аз санаи 23.12.2019, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни ҶДММ "Камолот сохтмон" ва ҶДММ "Биносоз 2015" тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Садаф Сохтмон", РМА: 070019767, РЯМ: 0710012701, санаи таъсисёбӣ 17.09.2024, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

PRESSA .TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

ҶУДО

# ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК БА «GRAND SLAM»-И ЛОЗАННА МЕРАВАНД




**Дастаи ҷудои Тоҷикистон ба яке аз чорабиниҳои калидии мавсим - мусобиқаи “Grand Slam” дар Лозаннаи Швейтсария, ки аз 28 то 30-юми август баргузор мешавад, омодагӣ мебинад. Ин мусобиқа аввалин мусобиқаи расмии даста таҳти роҳбарии сармураббии нав Ираклий Узнадзе хоҳад буд.**

Таъин шудани мутахассиси гурҷӣ барои ҷудои тоҷик як қадами муҳим буд. Аммо, ҳатто дар аввал Узнадзе қарори ғайриодӣ қабул кард: аз чанд мусобиқа даст кашида, ба таҷдиди сохтори тадриҷии даста тамаркуз кард. Мусобиқа дар Лозанна аввалин санҷиши воқеии равиши ӯ хоҳад буд: ҳам аз ҷиҳати интихоби рӯйхат, ҳам усул ва ҳам тақсимоти нақшҳо дар дохили даста.

Ҷолиб ин аст, ки паҳлавонони калидии дастаи миллӣ - Сомон Маҳмадбеков ва Обид Ҷебов дар ин мусобиқа иштирок намекунанд. Набудани онҳо роҳро барои дигар ҷудокорон боз мекунад, ки имкони нишон додани худро дар сатҳи баландтарин хоҳанд дошт.

Ба ҳайати мардонаи Тоҷикистон Лоиқ Қутбуддинов (60 кг), Эмомалӣ Нуралӣ, Искандар Маҳмадхоҷазода (66 кг), Муҳиддин Асадуллоев, Масъуди Аҳмадзода (73 кг), Беҳрӯзи Хоҷазода, Абубакр Шеров (81 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода, Шодмон Ризоев (90кг), Ҷаҳонгир Маҷидов, Сомонӣ Кишваров (100 кг) ва Мансур Раҳмон (+100 кг) шомиланд. Дар сабқати занон Аҳлия Муъминова (48 кг) ва Мадина Қурбонзода (52 кг) кувваозмоӣ мекунанд.

ГИМНАСТИКАИ БАДЕӢ

# СОЛИ 2027 ДУШАНБЕ МИЗБОНИ МУСОБИҚАИ САТҲИ ҶАҲОНӢ МЕШАВАД

**Дар соли 2027 Душанбе бори аввал мусобиқаи гимнастикаи бадеии сатҳи ҷаҳониро мизбонӣ хоҳад кард.**



Чемпионати гимнастикаи акробатикии Осиё, ки дар он беҳтарин гимнастҳои қитъа иштирок мекунанд, дар пойтахти Тоҷикистон баргузор мешавад. Ин қарор яке аз натиҷаҳои асосии ҷаласаҳои роҳбарияти гимнастикаи ҷаҳонӣ буд, ки дар пойтахти кишвар баргузор шуданд.

Аз 20 то 25-уми июл Душанбе ба маркази гимнастикаи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Дар ин ҷо бори аввал дар таърих ҷаласаҳои Комиссияи президентӣ ва Кумитаи иҷроияи Федератсияи байналмилалии гимнастика баргузор шуданд.

Чеҳраҳои маъруфи ҷомеаи гимнастикаи ҷаҳонӣ - президенти World Gymnastics Моринари Ватанабэ, президенти Иттифоқи гимнастикаи Осиё Абдурраҳмон аш-Шатрӣ, инчунин нойиби президентҳо, дабири кулл, аъзои Кумитаи иҷроия ва намояндагони федератсияҳои миллӣ ба Душанбе омада буданд.

ФУТБОЛ

# БОНУВОНИ ӮЗБЕКИСТОН ЧЕМПИОНИ МУСОБИҚАИ CAFA-2026 ШУДАНД

**Аз 21 то 25-уми июл дар шаҳри Ҳисор чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) миёни дастаҳои мунтахаби занонаи то 20-сола баргузор шуд, ки дар он бонувони Ӯзбекистон ғолиб омаданд.**




Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ин мусобиқа дар се бозӣ шикаст хӯрд. Дар даври аввали мусобиқа тими Тоҷикистон бо ҳисоби 2:3 мағлуби Эрон шуда, дар даври дуюм аз Қирғизистон бо ҳисоби 2:0 ва дар даври сеюм аз Ӯзбекистон бо ҳисоби 7:0 шикаст хӯрд. Ӯзбекистон дар даври аввал бо ҳисоби 1:0 Қирғизистонро мағлуб карда, дар даври дуюм бо Эрон мусовӣ (1:1) бозӣ кард. Дар бозии дигари даври охир тими бонувони Эрон бо ҳисоби 2:1 Қирғизистонро мағлуб кард.

Ҳамин тавр, пас аз анҷоми бозиҳо тими мунтахаби бонувони Ӯзбекистон бо касби 7 имтиёз ва таносуби тӯбҳо дар зинаи аввали ҷадвали мусобиқа қарор гирифт. Эрон бо 7 имтиёз дар зинаи дуюм ва Қирғизистон бо се имтиёз дар зинаи сеюм мавқеъ гирифтанд. Тоҷикистон бидуни имтиёз дар зинаи охир ҷой гирифт.

ТАЭКВАНДО

# ДУ НИШОНИ ВАРИШГАРОНИ ТОҶИК АЗ КУРИЁИ ҶАНУБӢ

**Дар шаҳри Сеули Кореяи Ҷанубӣ мусобиқаи рейтинги таэквандои G1 ба анҷом расид, ки дар он варзишгарони Тоҷикистон низ ширкат доштанд.**

Дар ин мусобиқа беш аз 3 000 варзишгар аз 55 кишвари дунё иштирок доштанд, ки аз миёни онҳо намояндагони Тоҷикистон ду нишон ба даст оварданд. Варзишгарони тоҷик Нурулло Муродов дар вазни 74 кг ва Мунира Абдусаломова дар вазни +73 кг ба гирифтани медалҳои биринҷӣ ноил шуданд.





РЕЗААХБОР



Размикори тоҷик Нурулло Алиев (12-0) дар шаҳри Абу-Дабии АМА дар мусобиқаи UFC Fight Night 282 бо Майк Дэвис (12-4) аз ИМА нерӯ санҷид. Ин рақобат дар вазни сабук баргузор шуда, “Уқоби тоҷик” дар тӯли ҳар се раунд назорати ҷангро дар ихтиёр дошт. Дар натиҷа, ҳар се довар бо ҳисоби якхелаи 30:27 пирӯзиро ба нафъи варзишгари тоҷик эълон карданд.

***

Варзишгари тоҷик Сомон Амонов дар мусобиқаи байналмилалии рейтингии Федератсияи байналмилалии теннис Andijan Cup ITF J30 ширкат кард ва дар рақобатҳои инфиродӣ дар даври ниҳоӣ варзишгари Ӯзбекистон Никита Ғафуровро бо ҳисоби 4:6, 7:6(3) ва 6:3 шикаст дода, нишони тило гирифт. Инчунин дар сабқати ҷуфтӣ дар якҷоягӣ бо Никита Ғафуров бар варзишгарони Қазоқистон Диас Тулепбергенов ва Ҳақназар Жеткербай бо ҳисоби 6:7(6), 7:5, 10:7 пирӯз шуда, нишони дуюми тилоро соҳиб шуд.

***

1-2-юми августи соли 2026 дар мавзеи Ҳафтқӯли шаҳри Панҷакент Ниммарафони панҷуми кӯҳии ЭКО-2026 баргузор мешавад.

***

КФ «Хуҷанд» бо бозигари 19-солаи Ничерия Эммануэл Гаруба шартномаи ҳамкорӣ бастааст. Эммануэл Гаруба 11-уми апрели соли 2006 таваллуд шудааст ва ҳамчун ҳамлагари марказӣ бозӣ мекунад. Клуби охирини ин ничериягӣ дастаи FK FAP-и Сербистон буд, ки тобистони гузашта Гаруба аз дастаи ҷавонон ба ҳайати асосӣ пайваст.

***

Дастаи футболи КМВА-и Душанбе расман эълон кард, ки мутахассиси эронӣ Амин Субҳонӣ сармураббии нави дастаи бонувони клуб таъйин гардидааст. Чанде пеш Амин Субҳонӣ пас аз анҷоми шартномаи ҳамкорӣ тарки клуби «Истаравшан» карда буд.




## ШИШАРЕЗАҲО

Шикоят: Чинҳои пешониям аз ҷафои андӯхчинҳоянд.

***

Занак, аз бесариҳои ман наранҷ. Охир, дар хона танҳо ту сардорӣ!

***

Аз назари соҳибхона, мехмоне, ки дастовез надорад, даст надорад.

***

Аз рӯзе, ки занамро “асалакам” мегуфтагӣ шудам, ӯ маро “занбӯри асал” мегӯяд.

***

То мансаб гирифтан танҳо худ “девона” буд, мансаб гирифту ҳамаро “девона” кард.

***

Бағали камбағал сард аст.

***

Ҳикмат: дурӯғе, ки фоида меоварад, рост аст.

***

Аз рӯзе, ки чатр харидам, суруди дӯстдоштаам “Борон, бибор!” аст.

***

Баъзеҳо “ҷонакам, ҷонакам” гуфта, касро аз ҷон безор мекунанд.

***

Нав сари калобаро ба даст оварда будам, ки худи калобаро аз ман рабуданд.

***

Аз хислатномаи баъзеҳо огаҳӣ ёфта, оина ба шаффофии худ шубҳа кард.

***

Аксаран остинбарзадаҳо тамошобин мешаванду остиндарозҳо - коргар.

***

Магар аз мансаб сабукдӯш шудани сардор кори хайр аст, ки ҳама “хайрият” гуфтанд?!

***

Набиштае дар қуттии сигор: Хушёр бошед, дуд аз димоғатон мебарояд!

***

Баъзан санади талафи ҳосил аз худи ҳосил бештар фоида меоварад.

***

Ман аблаҳ? Ана, акнун сабаби ба ту мадад расониданамро фаҳмидам!

***

Пешгаҳи хона он ҷост, ки дастурхон бошад.

***

Чун эълон карданд, ки филм шабона наворбардорӣ мешавад, кӯршапарак даъвои бозидани нақши асосиро кард.

***

Арзи соҳибхона: Меҳмон бо рафтани тезаш хуш аст, Аз худаш ҳам дастовезаш хуш аст.

***

Каллаи холии шумо анбори холии каллоброро пур мекунад.

***

Зери пояш ҳафт қабат кӯрпача партофта, даъво кард: “Мо хештаншиносем!”.

***

Дард дар тани одам меҳмон. Чӣ қадар меҳмондӯстанд табибони мо!

***

Чун бо даъват касе тоторро холӣ накард, саҳнаро ба ихтиёри хофизи нохушовозе гузоштанд. Дар лаҳзае дар толор касе намонд.

***

Занам ба ман он қадар ақл ёд дод, ки ниҳоят фаҳмидам: зан гирифтанам беақлӣ будааст.

***

Оқибати лаззатхои ҷавониямро дар пирӣ табобат кард.

**Абдурауф МУРОДӢ**

## МУЗДИ МЕҲНАТ

- Агар ба ҳисоби миёна гирем, музди меҳнат 2500 сомонӣ аст,- мегӯяд марде ба рафиқаш.

- Ҳисоби миёнаро чӣ гуна муайян мекунанд?,- мепурсад рафиқаш.

Мард дар ҷавоб:

- Мушкил нест, роҳбар гӯшт мехӯрад, ман пиёз. Яъне, мо дар якҷоягӣ манту мехӯрем.

## КИТОБИ СУРХ

Ҷавони ошике аз духтари дӯстдоштааш мепурсад:

- Сарвиноз, магар маро ба рӯйхати сиёҳат ворид кардай?

Сарвиноз мегӯяд:

- Не, ман туро ба Китоби сурхи худам, ҳамчун махлуки бадтарини ангуштшумор ворид кардам.

## ИШТИБОҲ

Марде шабона ба хона дер омада, хомӯшона либосашро кашида, ба ҷойгаҳ медарояд.

- Боз нӯшидӣ?,- мегӯяд зан.

Мард ҳайрон шуда:

- Аз куҷо фаҳмидӣ?

Зан мегӯяд:

- Ту боз дари хонаатро ғалат кардӣ, хонаи ту аз тарафи дасти чап аст.

## ТОЛЕЪ

Ҷавоне бо духтари дӯстдоштааш хамоғӯш хобанд. Ҷавон мегӯяд:

- Ту беҳтаринӣ! Кадом бахтолеъ туро ба занӣ мегирифта бошад?

Духтар мегӯяд:

- Шояд ту?

Ҷавон мегӯяд:

- Не, ман толеъ надорам...

## МАСЛИҲАТ

Шавҳар завҷаашро бо халтаҳои пурбор дида, мегӯяд:

- Занак, дар синну соли ту бори вазнин кашидан мумкин нест.

Зан мепурсад:

- Пас, чӣ кор кунем?

Шавҳар мегӯяд:

- Беҳтараш се бор ба бозор рав.

## САВОЛ

Харидоре ба асабҳои қассоб расиданӣ шуда, мегӯяд:

- Ин гӯшт ҳангоми зинда буданаш “мияв” мегуфт ё “ҳафҳаф”?

Қассоб дар ҷавоб:

- Ин гӯшт ҳангоми зинда буданаш саволҳои ҳархела медод.

## АСАЛ

Рӯзе хирс 2 кило асалро дар зери хок пинҳон карда, дар коғаз чунин менависад:

- Дар ин ҷо асал-пасал нест!

Харгӯши зираке омада, асалро мехӯраду навиштаҷоти коғазро иваз мекунад:

- Ин асалро харгӯш-паргӯш нахӯрдааст!

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

